# НАШРИЯИ
# СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ
# ТОҶИКИСТОН

**№ 3, июл– сентябр 2022**

Душанбе-2022

german cooperation
DEUTSCHE ZUSAMMENARBEIT

Исполнитель:
giz Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH

Нашрияи мазкур бо дастгирии Барномаи «Мусоидат ба давлатдории ҳуқуқӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ»-и GIZ (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ) нашр шудааст.

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ) барномаи мазкурро бо супориши Вазорати федералии ҳамкорӣ ва рушди Олмон (BMZ) иҷро менамояд.

Хулосаҳо, ақидаҳо ва шарҳу тафсирҳо дар нашрияи мазкур зикргардида мавқеи муаллифон буда, бе ягон шарт мавқеи GIZ ё BMZ-ро инъикос наменамоянд.

Барои ройгон (бепул) паҳн намудан пешбинӣ шудааст.

* * *

Данное издание было опубликовано при поддержки Программы GIZ «Содействие правовой государственности в странах Центральной Азии».

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit(GIZ) GmbH (Германское общество по международному сотрудничеству) осуществляет эту программу по заказу Федерального министерства экономического сотрудничества и развития Германии (BMZ).

Приводимые в настоящем издании данные, заключения, мнения и интерпретации являются позицией авторов и никак не могут рассматриваться как отражающие позицию GIZ или BMZ.

Предназначено для бесплатного распространения.

**Сармуҳаррир –** Шермуҳаммад Шоҳиён – Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳайати таҳририя:**

**Лутфуллозода Ш.–** муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Исҳоқӣ А.Н. –** муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Раҳмонзода С.С. –** муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – раиси коллегияи ҳарбӣ

**Қодирзода Т.Қ. –** раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ализода Ш.Ш. –** раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Азиззода З.Н. –** раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳакимзода С.А. –** котиби Пленум, судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Пӯлодӣ М.К. –** судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## МУНДАРИҶА

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Дар бораи ворид намудани тағйироту
илова ба Кодекси ҷиноятии
Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................6

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Дар бораи ворид намудани тағйиру
иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии
Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................8

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Дар бораи ворид намудани тағйиру
иловаҳо ба Кодекси мурофиавии
граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон.....................................13

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Дар бораи ворид намудани тағйиру
иловаҳо ба Кодекси мурофиавии
иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.....................................16

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Дар бораи ворид намудани тағйиру
иловаҳо ба Кодекси мурофиавии
ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................22

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Дар бораи ворид намудани тағйиру
иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии
маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................24

**Қарорҳои Пленуми Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**.....................................................27

**Қодирзода Т.Қ.**
Масъалаҳои табиати шуури ҳуқуқӣ
дар ҳуқуқтатбиқкунӣ.........................................................48

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА КОДЕКСИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 9, мод. 68, мод. 69, № 22, мод. 306; с. 1999, № 12, мод. 316; с. 2001, № 4, мод. 149, мод. 167; с. 2002, № 11, мод. 675, мод. 750; с. 2003, № 8, мод. 456, мод. 468; с. 2004, № 5, мод. 346, № 7, мод. 452, мод. 453; с. 2005, № 3, мод. 126, № 7, мод. 399, № 12, мод. 640; с. 2007, № 7, мод. 665; с. 2008, № 1, қ. 1, мод. 3, № 6, мод. 444, мод. 447, № 10, мод. 803, № 12, қ. 1, мод. 986, № 12, қ. 2, мод. 992; с. 2009, № 3, мод. 80, № 7-8, мод. 501; с. 2010, № 3, мод. 155, № 7, мод. 550; с. 2011, № 3, мод. 161, № 7-8, мод. 605; с. 2012, № 4, мод. 258, № 7, мод. 694; с. 2013, № 6, мод. 403, мод. 404, № 11, мод. 785, № 12, мод. 881; с. 2014, № 3, мод. 141, № 7, қ. 1, мод. 385, мод. 386; с. 2015, № 3, мод. 198, мод. 199, № 11, мод. 949, № 12, қ. 1, мод. 1107; с. 2016, № 3, мод. 127, № 5, мод. 355, мод. 356, № 7, мод. 608, мод. 609, № 11, мод. 874, мод. 875; с. 2017, № 1-2, мод. 2, мод. 3, № 7-9, мод. 586; с. 2018, № 1, мод. 4, мод. 5, № 5, мод. 266, № 7-8, мод. 522; с. 2019, № 1, мод. 1, мод. 2, № 6, мод. 311; с. 2020, № 1, мод. 8, мод. 9, № 7-9, мод. 607, мод. 623, № 12, мод. 904; с. 2021, № 4, мод. 196; № 12, қ. 2, мод. 683), тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Дар қисми 2) моддаи 23, дар ном ва қисми 1) моддаи 206, дар ном ва қисми 2) моддаи $206^1$, дар номи моддаи 224 ва дар қисми 3) моддаи 289 калимаи «заҳролуд» ба калимаи «заҳрнок» иваз карда шавад.

2. Дар моддаи 206:

- аз банди б) қисми 3) калимаҳои «ё заҳролуд» хориҷ карда шаванд;

- эзоҳ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Эзоҳ: Рӯйхатҳои моддаҳои сахттаъсир ва моддаҳои заҳрнок, инчунин миқдори калони моддаҳои сахттаъсир барои мақсадҳои ҳамин модда ва дигар моддаҳои дахлдори Кодекси мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**ш. Душанбе,**
**19 июли соли 2022, № 1895**

## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 9, мод. 68, мод. 69, № 22, мод. 306; с. 1999, №12, мод. 316; с. 2001, №4, мод. 149, мод. 167; с. 2002, № 11, мод. 675, мод. 750; с. 2003, № 8, мод. 456, мод. 468; с. 2004, № 5, мод. 346, № 7, мод. 452, мод. 453; с. 2005, № 3, мод. 126, № 7, мод. 399, № 12, мод. 640; с. 2007, № 7, мод. 665; с. 2008, № 1, қ. 1, мод. 3, №6, мод. 444, мод. 447, №10, мод. 803, №12, қ. 1, мод. 986, № 12, қ. 2, мод. 992; с. 2009, № 3, мод. 80, № 7-8, мод. 501; с. 2010, № 3, мод. 155, № 7, мод. 550; с. 2011, № 3, мод. 161, № 7-8, мод. 605; с. 2012, № 4, мод. 258, № 7, мод. 694; с. 2013, № 6, мод. 403, мод. 404, № 11, мод. 785, № 12, мод. 881; с. 2014, № 3, мод. 141, № 7, қ. 1, мод. 385, мод. 386; с. 2015, № 3, мод. 198, мод. 199, № 11, мод. 949, № 12, қ. 1, мод. 1107; с. 2016, № 3, мод. 127, № 5, мод. 355, мод. 356, № 7, мод. 608, мод. 609, № 11, мод. 874, мод. 875; с. 2017, № 1-2, мод. 2, мод. 3, № 7-9, мод. 586; с. 2018, № 1, мод. 4, мод. 5, № 5, мод. 266, № 7-8, мод. 522; с. 2019, № 1, мод. 1, мод. 2, № 6, мод. 311; с. 2020, № 1, мод. 8, мод. 9, № 7-9, мод. 607, мод. 623, № 12, мод. 904; с. 2021, № 4, мод. 196, № 12, қ. 2, мод. 683), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 47:

- банди в) бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«в) якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян;»;

- бандҳои в), г), д), е), ж), з), и), к), л) ва м) мувофиқан бандҳои г), д), е), ж), з), и), к), л), м) ва н) ҳисобида шаванд.

2. Ба қисми 2) моддаи 48 пас аз калимаҳои «фаъолияти муайян» аломат ва калимаҳои «, якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян,» илова карда шаванд.

3. Моддаи 50[1] бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Моддаи 50[1]. Якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян

Якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қисми махсуси Кодекси мазкур татбиқ карда мешавад.».

4. Ба қисми 2) моддаи 71 ҷумлаи сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Шартан татбиқ накардани ҷазо нисбати шахсе, ки барои ҷинояти бо қисмҳои 2) ва 3) моддаи 138, қисмҳои 2) - 4) моддаи 139, моддаҳои 141 – 142 ва қисмҳои 2) ва 3) моддаи 142[1] Кодекси мазкур пешбинишуда ба ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудааст, татбиқ карда намешавад.».

5. Қисми 6) моддаи 75 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«6) Нисбати шахсоне, ки ҷинояти пешбининамудаи қисмҳои 2) ва 3) моддаи 138, қисмҳои 2) - 4) моддаи 139, моддаҳои 141 – 142 ва қисмҳои 2) ва 3) моддаи 1421 Кодекси мазкур ё ба муқобили сулҳ ва амнияти башарият ҷиноят содир кардаанд, мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан татбиқ карда намешавад.».

6. Банди г) қисми 7) моддаи 76 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«г) шахсе, ки барои ҷинояти пешбининамудаи қисмҳои 2) ва 3) моддаи 138, қисмҳои 2) - 4) моддаи 139,

моддаҳои 141 – 142 ва қисмҳои 2) ва 3) моддаи 1421 Кодекси мазкур ё ба муқобили сулҳ ва амнияти башарият маҳкум карда шудааст.».

7. Қисми 5) моддаи 81 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«5) Нисбати шахсоне, ки барои ҷинояти пешбининамудаи қисмҳои 2) ва 3) моддаи 138, қисмҳои 2) - 4) моддаи 139, моддаҳои 141 – 142 ва қисмҳои 2) ва 3) моддаи $142^1$ Кодекси мазкур ё ба муқобили сулҳ ва амнияти башарият маҳкум карда шудаанд, муҳлати иҷрои ҳукм татбиқ карда намешавад.».

8. Дар моддаи 138:

- ба санксияи қисми 2) пас аз калимаҳои «дувоздаҳ сол» калимаҳои «бо якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян» илова карда шаванд;

- ба санксияи қисми 3) пас аз калимаҳои «бисту панҷ сол» калимаҳои «бо якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян» илова карда шаванд.

9. Дар моддаи 139:

- санксияи қисми 2) дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ҳафт то дувоздаҳ сол бо якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ҷазо дода мешавад.»;

- санксияи қисми 3) дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз дувоздаҳ то бист сол бо якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ҷазо дода мешавад.»;

- санксияи қисми 4) дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз бист то бисту панҷ сол бо якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ва ё якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ҷазо дода мешавад.».

10. Дар моддаи 141:

- ба санксияи қисми 1) пас аз калимаҳои «панҷ сол» калимаҳои «бо якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян» илова карда шаванд;

- ба диспозитсияи банди в) қисми 2) пас аз калимаҳои «шахси вазифаҳои» калимаҳои «таълимӣ ва» илова ва дар санксияи он калимаҳои «маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то се сол ё бидуни он» ба калимаҳои «якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян» иваз карда шаванд;

- дар санксияи қисми 3) калимаҳои «маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ё бидуни он» ба калимаҳои «якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян» иваз карда шаванд.

11. Дар моддаи 142:

- ба санксияи қисми 1) пас аз калимаи «мӯҳлат» калимаҳои «бо якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян» илова карда шаванд;

- ба диспозитсияи банди в) қисми 2) пас аз калимаҳои «шахси вазифаҳои» калимаҳои «таълимӣ ва» илова ва дар санксияи он калимаҳои «маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то се сол ё бидуни он» ба калимаҳои «якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян» иваз карда шаванд.

12. Дар моддаи 142[1]:

- дар санксияи қисмҳои 2) ва 3) калимаҳои «маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ё бидуни он» ба калимаҳои «якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян» иваз карда шаванд;

- ба модда эзоҳ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Эзоҳ: Ҷазои якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба шахсе татбиқ карда мешавад, ки ҷиноятро нисбат ба ноболиғ содир кардааст ва он дар санксияи моддаҳои боби мазкур пешбинӣ шудааст – аз манъ кардани ишғоли мансаб ва ё фаъолияти омӯзгорӣ дар муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатии соҳаҳои маориф, тарбия, инкишофи ноболиғон, ташкил намудани истироҳат ва солимгардонӣ, таъминоти тиббӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ, дар соҳаи варзиши кӯдакону наврасон, фарҳанг ва санъат бо иштироки ноболиғон, инчунин, машғул шудан ба чунин фаъолият дар асоси инфиродӣ ё фаъолияти дигаре, ки кор бо ноболиғонро дар бар гирифтааст, иборат аст.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**ш. Душанбе,**
**19 июли соли 2022, № 1896**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2008, № 1, қ. 1, мод. 6, мод. 7; с. 2010, № 1, мод. 6; с. 2012, № 7, мод. 721; с. 2014, № 7, қ. 1, мод. 388, № 12, мод. 821; с. 2015, № 11, мод. 953; с. 2016, № 5, мод. 360; с. 2018, № 1, мод. 6; с. 2019, № 1, мод. 6, № 6, мод. 314; с. 2020, № 7-9, мод. 603; с. 2022, № 1-3, мод. 6, мод. 7), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 47:

- ба қисми 1 пас аз калимаҳои «номуайяни шахсон» аломат ва калимаҳои «, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои давлатӣ» илова карда шаванд;

- ҷумлаи якуми қисми 3 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«3. Прокурор дар баррасии парвандаҳо вобаста ба манзил, замин, эътирофи ҳуқуқи моликият, барқарор намудан ба ҷои кори пештара, ҷуброни зарари ба ҳаёт ва саломатӣ расонидашуда, муқаррар намудани ҳолатҳои дорои аҳамияти ҳуқуқидошта, аз ҳабс озод намудани молу мулк, инчунин дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи Кодекси мазкур ва дигар қонунҳо ҳатман иштирок менамояд ва хулоса медиҳад.».

- қисми 4 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«4. Прокурор, муовини якум ва муовинони ӯ ҳуқуқ доранд, ки дар доираи ваколаташон парванда ё гурӯҳи парвандаҳоро, ки бо онҳо санадҳои судӣ эътибори қонунӣ

пайдо кардаанд, бо мақсади таҳлил ва ҷамъбасти фаъолият дар самти таъмини риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз суд талаб карда гиранд. Дар сурати муайян намудани он, ки фармон, ҳалнома, таъинот ё қарори суд ғайриқонунӣ ё беасос аст, прокурор тадбирҳои дахлдорро бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур амалӣ менамояд.».

2. Ба қисми 1 моддаи 257 пас аз калимаҳо ва аломати «бо иштироки шаҳрванд,» калима ва аломати «прокурор,» илова карда шаванд.

3. Дар моддаи 325 калимаҳои «прокурори дар парванда иштирокдошта» ба калимаҳои «прокурор дар доираи ваколатҳои худ» иваз карда шаванд.

4. Дар моддаи 365:

- дар қисми 1 калимаҳои «прокурори дар парванда иштирокдошта» ба калимаҳои «прокурор дар доираи ваколатҳои худ» иваз карда шаванд;

- қисми 3 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«3. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони ӯ нисбат ба санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокардаи ҳамаи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истиснои қарорҳои раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эътирози назоратӣ пешниҳод менамоянд. Прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони онҳо нисбат ба санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокардаи судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои онҳо, ба истиснои қарорҳои раёсатҳои суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, мувофиқан ба марҳилаи назоратии ин судҳо эътирози назоратӣ пешниҳод менамоянд.»;

- ба қисми 4 пас аз калимаҳои «Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аломат ва калимаҳои «, муовини якум ва муовинони ӯ, прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони онҳо» илова карда шаванд.

5. Дар моддаи 367:

- қисми 4 хориҷ карда шавад;

- қисми 5 мувофиқан қисми 4 ҳисобида шавад.

6. Дар моддаи 368:

- ба матни модда пас аз калимаҳои «Шикоят ё эътирози назоратӣ» аломат ва калимаҳои «, ба истиснои эътирози назоратии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон,» илова карда шаванд;

- матни модда қисми 1 ҳисобида шуда, рақамгузорӣ карда шавад;

- қисми 2 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«2. Эътирози назоратии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокарда бевосита аз ҷониби суди марҳилаҳои назоратии дахлдор ба тариқи дастҷамъона баррасӣ карда мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**ш. Душанбе,**
**19 июли соли 2022, № 1898**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ. 1, мод. 4, мод. 5; с. 2011, №12 мод. 840; с. 2012, №7, мод. 719; с. 2013, №3, мод. 180; с. 2015, №11, мод. 954; с. 2017, №5, қ. 1, мод. 277; с. 2018, №1, мод. 7, №8, мод. 523; с. 2019, №1, мод. 7, с. 2020, №4-5, мод. 235, №12, мод. 905; с. 2022, №1-3, мод. 8), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 39:

- дар сархати чорум калима ва аломати «прокурор,» хориҷ карда шуда, аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шавад;

- сархати панҷум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- прокурор.».

2. Дар моддаи 51:

- дар қисмҳои 2 ва 3 калимаи «муроҷиатномаро» ба калимаи «муроҷиатро» иваз карда шавад;

- қисми 6 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«6. Иштироки прокурор дар баррасии парвандаҳо оид ба баҳсҳои вобаста ба замин ва манзил, новобаста аз пешниҳоди муроҷиат ба суд, ҳатмӣ мебошад.»;

- қисми 6 мувофиқан қисми 7 ҳисобида шуда, дар он калима ва рақами «қисми 1» ба калима ва рақамҳои «қисмҳои 1 ва 6» иваз карда шаванд;

- қисми 8 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

8. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони ӯ, прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони онҳо, сарфи назар аз иштирок дар мурофиаи судӣ, дар доираи ваколатҳои худ метавонанд парванда ё гурӯҳи парвандаҳоро, ки бо онҳо санадҳои судӣ эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, бо мақсади таҳлил ва ҷамъбасти фаъолият дар самти таъмини риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз суди иқтисодии дахлдор талаб карда гиранд. Дар сурати муқаррар намудани он, ки санади судӣ ғайриқонунӣ ё беасос аст, прокурор тадбирҳои дахлдорро бо тартиби муайяннамудаи Кодекси мазкур амалӣ менамояд.».

3. Дар қисми 2 моддаи 52 калимаи «муроҷиатнома» ба калимаи «муроҷиат» иваз карда шавад.

4. Ба қисми 1 моддаи 193 пас аз калимаҳо ва аломати «(минбаъд мақомоти назоратӣ),» калимаҳо ва аломати «инчунин прокурор,» илова карда шаванд.

5. Дар моддаи 236:

- ном ва қисми 1 модда дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Моддаи 236. Ҳуқуқи пешниҳоди шикоят ва эътирози кассатсионӣ

1. Шахсони иштирокчии парванда, инчунин дигар шахсон дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур метавонанд аз ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдонакардаи суди иқтисодии марҳилаи якум бо тартиби кассатсионӣ шикоят ва прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони онҳо, сарфи назар аз иштирокашон дар баррасии парванда, инчунин

прокурори иштирокчии парванда дар доираи ваколат эътироз намоянд.»;

- дар қисмҳои 2, 3 ва 4 калимаҳои «Шикояти» ва «шикояти» мувофиқан ба калимаҳои «Шикоят ва эътирози» ва «шикоят ва эътирози» иваз карда шаванд.

6. Дар моддаи 237, ном ва матни моддаҳои 238, 242, 247, 2503 ва 251 калимаҳои «Шикояти», «шикояти», «шикояте» ва «шикоятро» мувофиқан ба калимаҳои «Шикоят ва эътирози», «шикоят ва эътирози», «шикоят ва эътирозе» ва «шикоят ва эътирозро» иваз карда шаванд.

7. Дар моддаи 239:

- дар ном ва матни модда калимаҳои «Шикояти» ва «шикояти» мувофиқан ба калимаҳои «Шикоят ва эътирози» ва «шикоят ва эътирози» иваз карда шаванд;

- сархати чоруми қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- талаби шахси шикоят ва прокурори эътирозоварда ва асосҳое, ки аз рӯи онҳо ҳалнома бо истинод ба қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳолатҳои парванда ва далелҳои дар парванда мавҷудбуда мавриди шикоят ва эътироз қарор дода шудааст;»;

- дар сархати панҷуми қисми 2 ва қисми 4 калимаи «шикоят» ба калимаҳои «шикоят ва эътироз» иваз карда шавад.

8. Дар моддаи 240:

- дар номи модда, қисмҳои 1 ва 3 калимаҳои «шикояти», «шикоятро» ва «Шикояти» мувофиқан ба калимаҳои «шикоят ва эътирози», «шикоят ва эътирозро» ва «Шикоят ва эътирози» иваз карда шаванд;

- дар қисми 2 калимаҳои «қабули шикояти» ба калимаҳои «қабули шикоят ва эътирози» иваз карда шаванд.

9. Дар моддаи 241:

- дар ном ва матни модда калимаи «шикояти» ба калимаҳои «шикоят ва эътирози» иваз карда шавад;

- ба қисми 1 пас аз калимаи «шикоят» калимаҳои «ва эътироз» илова карда шаванд.

10. Дар моддаи 243:

- дар ном ва матни модда калимаи «шикояти» ба калимаҳои «шикоят ва эътирози» иваз карда шавад;

- ба сархати чоруми қисми 1 ва қисми 4 пас аз калимаи «шикоят» калимаҳои «ё эътироз» илова карда шаванд.

11. Дар моддаи 244:

- номи модда ва қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«Моддаи 244. Қатъ намудани истеҳсолоти кассатсионӣ

1. Истеҳсолоти кассатсионӣ дар он ҳолат қатъ карда мешавад, ки агар баъди ба истеҳсолоти суд қабул гардидани шикоят ё эътирози кассатсионӣ, дархост оид ба даст кашидан аз шикоят ё эътироз ба суд дохил шавад ва ин дасткашӣ тибқи муқаррароти моддаи 48 Кодекси мазкур аз тарафи суд қабул карда шавад.»;

- дар қисми 2 калимаҳои «шикояти кассатсионӣ» ва «истеҳсолоти шикояти кассатсиониро» мувофиқан ба калимаҳои «шикоят ё эътирози кассатсионӣ» ва «истеҳсолоти кассатсиониро» иваз карда шаванд;

- дар қисмҳои 3 ва 4 калимаҳои «истеҳсолоти шикояти кассатсионӣ» ва «шикояти кассатсионӣ» мувофиқан ба калимаҳои «истеҳсолоти кассатсионӣ» ва «шикоят ё эътирози кассатсионӣ» иваз карда шаванд;

- дар қисми 5 калимаҳои «истеҳсолоти шикояти кассатсионӣ» ва «шикояти кассатсионӣ» мувофиқан ба калимаҳои «истеҳсолоти кассатсионӣ» ва «шикоят ё эътирози кассатсионӣ» иваз карда шаванд.

12. Дар ном ва матни моддаи 246 калимаҳои «шикояти» ва «шикоят» мувофиқан ба калимаҳои «шикоят ва эътирози» ва «шикоят ё эътироз» иваз карда шаванд.

13. Дар қисми 1 моддаи 248 калимаҳои «шикояти», «шикоятро» ва «шикоят» мувофиқан ба калимаҳои «шикоят ва эътирози», «шикоят ё эътирозро» ва «шикоят ё эътироз» иваз карда шаванд.

14. Дар моддаи 250 калимаҳои «шикояти», «шикоятро» ва «шикоят» мувофиқан ба калимаҳои «шикоят ё эътирози», «шикоят ё эътирозро» ва «шикоят ё эътироз» иваз карда шаванд.

15. Ба қисми 1 моддаи 270 пас аз калимаҳои «Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аломат ва калимаҳои «, муовини якум ва муовинони ӯ, прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони онҳо» илова карда шуда, калимаҳо ва рақами «доир ба парвандаҳои дар моддаи 51 Кодекси мазкур пешбинигардида» хориҷ карда шаванд.

16. Матни моддаи 273 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Шикояти назоратии пешниҳодшуда бо супориши раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муовини ӯ ба баррасии судяи ҳамин суд супорида мешавад.

2. Эътирози назоратии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита аз ҷониби суди марҳилаи назоратӣ дар асоси дастҷамъона баррасӣ карда мешавад.».

17. Ҷумлаи сеюми қисми 1 моддаи 280 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Агар прокурор ҳамчун шахси иштироккунандаи парванда бошад ё бо тартиби назоратӣ эътироз пешниҳод карда бошад, дар маҷлиси судӣ иштирок мекунад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**ш. Душанбе,**
**19 июли соли 2022, № 1899**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 қабул карда шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 815, мод. 816; с. 2010, №7, мод. 551; с. 2011, № 3, мод. 159, № 7-8, мод. 609; с. 2012, № 4, мод. 259, №7, мод. 714, № 8, мод. 815, № 12, қ. 1, мод. 1020, мод. 1025; с. 2013, № 7, мод. 510, мод. 511; с. 2014, № 3, мод. 142, № 11, мод. 643; с. 2015, № 11, мод. 950; с. 2016, № 3, мод. 128, № 5, мод. 357, № 7, мод. 610, мод. 611; с. 2017, № 2, мод. 4; с. 2018, № 5, мод. 267; с. 2019, №1, мод. 3; с. 2020, № 1, мод. 3, № 7-9, мод. 602, мод. 608; с. 2021, № 1-2, мод. 5, № 4, мод. 197, № 12, қ. 2, мод. 684, мод. 685; с. 2022, № 1-3, мод. 4), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар сархати ёздаҳуми қисми 1 моддаи 35 калимаҳои «ташкилотҳои кредитӣ» ба калимаҳои «дигар ташкилотҳои қарзии молиявӣ» иваз карда шаванд.

2. Ба қисми 1 моддаи 168 сархати панҷум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- ба таҳқиқбаранда ва муфаттиш барои ба суд пешниҳод намудани дархост оид ба ҳабси маблағҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар суратҳисобҳо ва пасандозҳо ё дар нигоҳдории бонк ва дигар ташкилотҳои қарзии молиявӣ қарор доранд, розигӣ диҳад;».

3. Дар моддаи 197:

- матни модда қисми 1 ҳисобида шуда, рақамгузорӣ карда шавад;

- қисми 2 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«2. Дар ҳолати берун аз ҷумҳурӣ будани шоҳид ё ҷабрдида пурсиш мумкин аст ба таври фосилавӣ бо истифодаи воситаҳои телекоммуникатсионӣ ва почтаи электронӣ бо тартиб додани протоколи пурсиш ба роҳ монда шуда, бо имзои рақамӣ тасдиқ карда шавад. Муфаттиш метавонад пурсиши фосилавиро бо иштироки шахсони холис гузаронад. Пурсиш бо риояи талаботи моддаҳои 199-203 Кодекси мазкур ва бе тартиб додани протоколи пурсиш анҷом дода мешавад.».

4. Ба ҷумлаи сеюми қисми 5 моддаи 408 пас аз калимаи «Эътирози» калимаҳои «Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**ш. Душанбе,**
**19 июли соли 2022, № 1900**

## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, № 12, қ. 1, мод. 989, мод. 990; с. 2009, № 5, мод. 321, № 9-10, мод. 543; с. 2010, № 1, мод. 2, мод. 5, №3, мод. 153, № 7, мод. 547, № 12, қ. 1, мод. 812; с. 2011, № 6, мод. 430, мод. 431, № 7-8, мод. 610, № 12, мод. 838; с. 2012, №4, мод. 256, № 7, мод. 685, мод. 693, №8, мод. 814, № 12, қ. 1, мод. 1004; с. 2013, № 3, мод. 181, №7, мод. 508; с. 2014, №3, мод. 143, мод. 144, № 7, қ. 1, мод. 389, мод. 390; с. 2015, № 3, мод. 201, № 7-9, мод. 707, мод. 708, № 11, мод. 955, № 12, қ. 1, мод. 1108; с. 2016, № 3, мод. 130, мод. 131, мод. 132, № 5, мод. 359, мод. 361, № 7, мод. 613, мод. 614, № 11, мод. 877; с. 2017, № 1-2, мод. 5, мод. 6, № 5, қ. 1, мод. 275, № 7-9, мод. 568, мод. 585; с. 2018, № 1, мод. 9, № 5, мод. 268, мод. 269; с. 2019, № 1, мод. 8, № 6, мод. 312, мод. 313, № 7, мод. 464; с. 2020, № 1, мод. 6, № 7-9, мод. 604, мод. 606, мод. 621, № 12, мод. 900, мод. 901; с. 2021, № 6, мод. 384, мод. 385, № 12, қ. 2, мод. 686, мод. 687, мод. 688, мод. 689; с. 2022, № 1-3, мод. 12), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба моддаи 330 қисмҳои 3 ва 4 бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«3. Барои идора намудани воситаҳои нақлиёт бо шишаҳои сиёҳу хираи дарҳои паҳлуӣ ва шишаи қафо, ки нургузарониашон ба меъёрҳои муқарраршудаи стандартҳои давлатӣ (ГОСТ) мутобиқат намекунанд,

ҳангоми мавҷуд будани иҷозати махсуси мақомоти ваколатдори давлатӣ барои истифодаи воситаҳои нақлиёт бо шишаи сиёҳу хираи қафо ё шишаҳои сиёҳу хираи дарҳои паҳлуии қафо ва шишаи қафо, -

ба андозаи ҳафтод нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

4. Барои идора намудани воситаҳои нақлиёт бо шишаҳои сиёҳу хираи дарҳои паҳлуии қафо ва шишаи қафо, ки нургузарониашон ба меъёрҳои муқарраршудаи стандартҳои давлатӣ (ГОСТ) мутобиқат намекунанд, ҳангоми мавҷуд будани иҷозати махсуси мақомоти ваколатдори давлатӣ барои истифодаи воситаҳои нақлиёт бо шишаи сиёҳу хираи қафо, -

ба андозаи ҳафтод нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.»;

- қисми 3 қисми 5 ҳисобида шавад.

2. Ба моддаи 336 қисмҳои 4, 5 ва 6 бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«4. Барои аз тарафи ронанда бе категорияи мувофиқ идора кардани воситаи нақлиёт, -

ба андозаи аз панҷоҳ то ҳафтод нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

5. Барои ба шахсе, ки ҳуқуқи идоракунии категорияи мувофиқ ба воситаи нақлётро надорад, вогузоштани идоракунии он, -

ба андозаи аз сӣ то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

6. Барои содир намудани кирдори бо қисми чоруми ҳамин модда пешбинишуда, ки боиси расонидани зарар ба воситаҳои нақлиёт, бор, роҳ, иншооти роҳ ва дигар иншоот ё дигар молу мулк гаштааст, -

ба андозаи яксаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

**ш. Душанбе,**
**19 июли соли 2022, № 1901**

**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№8**

**аз 26 июли соли 2022** **ш.Душанбе**

**Дар бораи озод намудани Муродзода Бобокалон Раҷаб аз вазифаи раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**ҚАРОР КАРД:**

Муродзода Бобокалон Раҷаб бинобар бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2022, №281 бо сабаби расидан ба синни ниҳоии дар вазифаи судя будан аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд гардиданаш аз вазифаи раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№9**

**аз 26 июли соли 2022 ш.Душанбе**

**Дар бораи хориҷ намудани Мирзозода Исроил Шоҳимардон аз ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон-

**Қ А Р О Р   К А Р Д:**

Мирзозода Исроил Шоҳимардон бинобар бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2022, №280 бо сабаби расидан ба синни ниҳоии дар вазифаи судя будан аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд гардиданаш аз ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№10**

**аз 26 июли соли2022 ш.Душанбе**

**Дар бораи хориҷ намудани Вазирзода Гулнора Насрин аз ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон-

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

Вазирзода Гулнора Насрин бинобар бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2022, №279 бо сабаби расидан ба синни ниҳоии дар вазифаи судя будан аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд гардиданаш аз ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Ҳакимзода**

**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№11**

**аз 26 июли соли 2022 ш.Душанбе**

**Дар бораи хориҷ намудани Усмонзода Тоҷиддин аз ҳайати коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон-

**ҚАРОР КАРД:**

Усмонзода Тоҷиддин бинобар бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2022, №315 бо сабаби ба охир расидани муҳлати ваколат аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд гардиданаш аз ҳайати коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№12**

**аз 26 июли соли 2022** **ш.Душанбе**

**Дар бораи тасдиқ намудани Усмонзода Тоҷиддин ба ҳайати коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

Усмонзода Тоҷиддин бинобар бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2022, №329 ба вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шуданаш ба ҳайати коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№13**

**аз 26 июли соли 2022** **ш.Душанбе**

**Дар бораи тасдиқ намудани Маҳмадзода Хуршед Бобохон ба ҳайати коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

Маҳмадзода Хуршед Бобохон бинобар бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2022, №329 ба вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шуданаш ба ҳайати коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№14**

**аз 26 июли соли 2022 ш.Душанбе**

**Дар бораи тасдиқ намудани Бекзода Абдурахим Абдулло ба ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

Бекзода Абдурахим Абдулло бинобар бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2022, №329 ба вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шуданаш ба ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№15**

**аз 26 июли соли 2022 ш.Душанбе**

**Дар бораи тасдиқ намудани Иброҳимзода Шамсиддин Саймудин ба ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

Иброҳимзода Шамсиддин Саймудин бинобар бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2022, №329 ба вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шуданаш ба ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№16**

**аз 26 июли соли 2022 ш.Душанбе**

**Дар бораи тасдиқ намудани Ғуломзода Иноятулло Шарифҷон ба ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

Ғуломзода Иноятулло Шарифҷон бинобар бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2022, №329 ба вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шуданаш ба ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№17**

**аз 26 июли соли 2022** **ш.Душанбе**

**Дар бораи тасдиқ намудани Солеҳзода Зарина Тағойназар ба ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

Солеҳзода Зарина Тағойназар бинобар бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2022, №329 ба вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шуданаш ба ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№18**

**аз 26 июли соли 2022** **ш.Душанбе**

**Дар бораи тасдиқ намудани Холиқмуродзода Далер Абдуғаффор ба ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

Холиқмуродзода Далер Абдуғаффор бинобар бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2022, №329 ба вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шуданаш ба ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№19**

**аз 26 июли соли 2022** **ш.Душанбе**

**Дар бораи тасдиқ намудани Ёқубзода Абдураҳмон Холдор ба ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

Ёқубзода Абдураҳмон Холдор бинобар бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2022, №329 ба вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шуданаш ба ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№20**

**аз 26 июли соли 2022 ш.Душанбе**

**Дар бораи тасдиқ намудани Шӯҳратзода Улуғбек ба ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

Шӯҳратзода Улуғбек бинобар бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2022, №329 ба вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шуданаш ба ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№21**

**аз 26 июли соли 2022 ш.Душанбе**

**Дар бораи тасдиқ намудани Ҳафиззода Тимур Ҷамшед ба ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

Ҳафиззода Тимур Ҷамшед бинобар бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2022, №329 ба вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шуданаш ба ҳайати коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№22**

**аз 26 июли соли 2022** **ш.Душанбе**

**Дар бораи хориҷ намудани Муродзода Бобокалон Раҷаб аз ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон-

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

Муродзода Бобокалон Раҷаб бинобар бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2022, №281 бо сабаби расидан ба синни ниҳоии дар вазифаи судя будан аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд гардиданаш аз ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» хориҷ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№23**

**аз 26 июли соли 2022 ш.Душанбе**

**Дар бораи хориҷ намудани Вазирзода Гулнора Насрин аз ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон-

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

Вазирзода Гулнора Насрин бинобар бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2022, №279 бо сабаби расидан ба синни ниҳоии дар вазифаи судя будан аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд гардиданаш аз ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» хориҷ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Ҳакимзода**

# ҚАРОРИ
# ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# №24

**аз 26 июли соли 2022** **ш.Душанбе**

## Дар бораи тасдиқ намудани Пӯлодӣ Мавчуда Комил ба ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон-

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

Судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Пӯлодӣ Мавчуда Комил ба ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№25**

**аз 26 июли соли 2022 ш.Душанбе**

**Дар бораи хориҷ намудани Мирзозода Рустам Пираҳмад аз ҳайати раёсати суди вилояти Хатлон**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

Мирзозода Рустам Пираҳмад бинобар озод шудан аз вазифаи раиси суди вилояти Хатлон бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз ҳайати раёсати суди вилояти Хатлон хориҷ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Ҳакимзода**

**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№26**

**аз 26 июли соли 2022** **ш.Душанбе**

**Дар бораи хориҷ намудани Холиқмуродзода Далер Абдуғаффор аз ҳайати раёсати суди шаҳри Душанбе**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**ҚАРОР КАРД:**

Холиқмуродзода Далер Абдуғаффор бинобар озод шудан аз вазифаи муовини якуми раиси суди шаҳри Душанбе бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз ҳайати раёсати суди шаҳри Душанбе хориҷ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№27**

**аз 26 июли соли 2022 ш.Душанбе**

**Дар бораи хориҷ намудани Азизматзода Хуршед аз ҳайати раёсати суди шаҳри Душанбе**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

Азизматзода Хуршед бинобар озод шудан аз вазифаи судяи суди шаҳри Душанбе бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз ҳайати раёсати суди шаҳри Душанбе хориҷ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Ҳакимзода**

**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№28**

**аз 26 июли соли 2022** **ш.Душанбе**

**Дар бораи тасдиқ намудани Амонзода Намози Шариф ба ҳайати раёсати суди шаҳри Душанбе**

Пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

Судяи суди шаҳри Душанбе Амонзода Намози Шариф ба ҳайати раёсати суди шаҳри Душанбе тасдиқ карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.Шоҳиён**

**Котиби Пленум**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Ҳакимзода**

**Қодирзода Т.Қ.**
**Раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олӣ номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

# МАСЪАЛАҲОИ ТАБИАТИ ШУУРИ ҲУҚУҚӢ ДАР ҲУҚУҚТАТБИҚКУНӢ

Масъалаи ташаккули шуури ҳуқуқӣ ба қатори масъалаҳои асосии назарияи ҳуқуқ мансуб аст. Аҳамияти ин мавзуъ аз он иборат аст, ки ҳуқуқ натиҷаи фаъолияти инсон буда, мазмун ва иҷрои (риояи) он аз шахс ва шуури ҳуқуқии ӯ вобаста аст. Бо дарназардошти он ҳолат, ки мақоми судя дар давлат, дар маҷмуъ дар ҷомеа яке аз меъёрҳои асосии дарк ва идроки ҷомеаи мушаххас арзишҳои давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, шуури ҳуқуқии касбии судя объекти таваҷҷӯҳи махсуси илмӣ мебошад[1].

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар масъалаи дарки ҳуқуқӣ хулосаҳо дар бораи алоқамандии ҳастӣ ва шуур универсалӣ буда, ба ҳама гуна соҳаи муносибатхо ва алоқаҳое, ки дар он шуур мавҷуд аст, дахл дорад. Ин қоидаи универсиалиро бояд дар хотир дошт, зеро ҳам бораи илми ҳуқуқшиносӣ, ки ҳаёти ҳуқуқро дар ҳаёти ҷомеа мавриди омӯзиш қарор медиҳад ва ҳам барои амалияи татбиқи ҳуқуқ, ки бо одамон сару кор дорад, (шартан-ҳаёти одамонро дар ҳаёти ҳуқуқ меомӯзад) фаромӯш накардан дар бораи омили субъективӣ, шахсият, шуури шахсият муҳим мебошад ва ин падидаҳо дар навбати худ на танҳо аз худи онҳо, балки аз муҳиту

[1] См.: Сергей Хопта. Формирование профессионального правосознания судьи. Закон и Жизнь. - С.118.

шароите, ки шахси мазкур дар он қарор дошт ё дорад, дурусттар дарк карда мешаванд.

Ба ақидаи Сергей Хопт, дар адабиёти ҳуқуқӣ танҳо ду равиши асосии дарки нақши ҳуқуқ дар ташаккули шуури ҳуқуқӣ ташаккул ёфтааст: а)дар муайян кардани алоқамандии ҳуқуқ ва шуури ҳуқуқӣ; б)дар муҳофизаи мухолифат байни ҳуқуқ ва шуур. Дар як ҳолат шуури ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи махсусе, ки бевосита ё бавосита бо ҳуқуқ мушобеҳ муайян карда, дар дигар ҳолат ҳуқуқ ва шуури ҳуқуқӣ аз ҳам ҷудо намуда, ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа мансуб медонанд: ҳуқуқ – ба ҳуқуқшиносӣ, шуури ҳуқуқӣ бошад - ба сиёсӣ ё ахлоқӣ[2].

Барои мо омӯзиши масъалаҳои таърихии ташаккули шуури касбии ҳуқуқӣ дар Империяи Византия проблемаи методологиро, ки аз як тараф, (ҳадди аққал қисман) тавассути истифодаи тамоми усулҳои мавҷудаи тадқиқоти шуури ҳуқуқии муосир ҳалшаванда, аз тарафи дигар - принсипи таърих ва омӯзиши ҳаматарафаи шуури ҳуқуқиро дар маҷмуъ ифода медиҳад. Дар баробари ин, омезиши консепсияи давомияти шуури ҳуқуқӣ ва муқоисаи он, инчунин тафовут байни проблематикаи шуури ҳуқуқии шахси мушаххас дар таърих ва шуури ҳуқуқии тамоми гуруҳҳои бутуни иҷтимоӣ, аз он ҷумла гуруҳҳои касбӣ, як нуқтаи муҳим ба шумор меравад.

Барои ташаккули шуури касбии ҳуқуқӣ дар Империяи Византия як қатор омилҳое таъсир расонидааст, ки ба ду гурӯҳ тақсим кардани онҳо самарабахш аст: ҳуқуқӣ (сарчашмаҳои ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи канонӣ (қонунӣ) ва омилҳои ғайриҳуқуқӣ (иҷтимоӣ) ҷаҳонбинӣ, динӣ, этнофарҳангӣ, маданию маърифатӣ, моддию хоҷагидорӣ ва таърихӣ. Дар баробари ин, аз инҳо масеҳият, принсипҳои ҳуқуқи Рим ва анъанаҳои халқҳое, ки дар

[2] Сергей Хопта. Указ соч. – С. 118.

Империяи Византия сукунат доштанд, асосӣ дониста мешаванд, аммо тадқиқи шуури ҳуқуқии касбии Византия бояд дар маҷмуъ бо назардошти тамоми омилҳо сурат гирад.

Ташаккули шуури касбии ҳуқуқӣ дар Византия ҷараёни тулонӣ буда, барои он мавҷудияти тағйироти ногаҳонӣ набуда, ҳамзамон печонии ҳуқуқ, ки дар қобилияти мутобиқ шудан ба падидаҳои нави иҷтимоию ҳуқуқӣ ифода ёфтааст, хос аст.

Таснифи эҳтимолии марҳилаҳои ташаккули шуури ҳуқуқии касбии Византия тақсимоти таърихи онро ба давраҳои зерин нишон медиҳад: а) давраи аввалин таҷрибаи истифодаи сарчашмаҳои ҳуқуқии Рим дар Империяи Византия (аз замони таъсиси империя то мураттабсозии (кодификатсияи) Юстиниан); б) давраи мураттабсозӣ (кодификатсия) (аз таълифи Кодекси ҳуқуқи гражданӣ (Cogrus Juris Civilis)-и Юстиниан то таъсиси Эклог); в) гузаштани шуури ҳуқуқии касбӣ аз давраи охири антиқ ба асри миёна (аз офариниши Эклог то Новеллаҳои Леви Хирад); г) давраи мураттабсозӣ ва тартиб додани дастурамалҳои ҳуқуқии хусусӣ (пас аз тартиб додани Новеллаҳои Леви Хирад ва то мағлубшавии Византия)[3].

Умуман, таснифоти пешниҳодшуда бо тақсимоти давраҳои рушду инкишофи ҳуқуқи Византия ҳамчун ҳуқуқ рост меояд ва ҳар як давра дар соҳаи шуури ҳуқуқии касбии хусусиятҳои хоси худро дорад.

Шуури ҳуқуқии касбии Византияро метавон тавассути як қатор арзишҳои ҳуқуқие тавсиф кард, ки ба он ҳамчун як падидаи ҳуқуқии ҷудонашаванда хос

[3] См.: Смирнов А.И. Влияние профессионального правосознания на формирование позитивного права в Византийской империи. Дисс… на соиск. учен. степ. канд. юрид. наук. М. 2021. –С.167.

будаанд. Ҳамзамон принсипҳои умумии ҳуқуқи классикии римӣ асосҳое гардидаанд, ки бо он шуури ҳуқуқӣ аслан ташаккул меёфт, аммо мазмун, маъно ва дарки ин принсипҳо дар Византия дар зери таъсири омилҳое, ки чунин шуури ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, аз нав дида баромада шудаанд.

Дар байни арзишҳои ҳуқуқие, ки дар шуури ҳуқуқии Византия инъикос ёфтаанд, адлу адолат, эҳтиром ба қонун, масъулияти мутақобилаи ҳоким ва тобеони давлат, озодӣ, баробарӣ ва урфу одатро ба маънои онтологӣ, қайд бояд кард.

Мазмуни ҳар яке аз ин арзишҳои ҳуқуқӣ бо мафҳуми принсипи олии ҳуқуқ, ки принсипи олии тақводорӣ (порсои) номида шудааст, муайян карда мешавад. Ин принсипи олӣ императиви дохилии ахлоқиро пешбинӣ менамояд, ки аз иҷрои ихтиёрии қонун аз ҷониби тамоми табааи (фуқарои) давлат иборат буда, бо идеологияи давлатӣ ташаккул ёфта, ба шуури ҳуқуқии Византия ягонагӣ, низомнокӣ ва беназириро овардааст.

Шуури ҳуқуқии касбӣ дар Византия дар марҳилаи охирини ҳастии худ авҷи рушду инкишофи шуури ҳуқуқӣ дар давраи тамоми таърихи ин давлат буд.

Барои ин давра ҳам нигоҳ доштани тамоми арзишҳои ҳуқуқии қаблан мавҷудбуда, ки мавқеро нисбат ба табиати анъанавии шуури ҳуқуқии Византия исбот мекунад, ҳам тартиб ва такмил додани ин принсипҳо, ки қобилияти ҳаётӣ будани шуури ҳуқуқии касбӣ ва аз ин ҳам бештар — қобилияти ҳаётӣ будани ин давлатро исбот мекунад, мансуб мебошад. Намунаи ин гуна равандҳо таҳияи ниҳоии консепсияи симфонияи калисо ва давлат, инчунин аз ҷониби император Андроники II эълон намудани принсипи тобеияти император ба қонун, ки дар натиҷа, дар

таъсис додани институти умумиҷаҳонии судяҳои румиён ифода ёфт, мисол шуда метавонад.

Хусусияти дигар мухолифати фаъоли шуури ҳуқуқӣ нисбат ба косепсияҳо ва ғояҳои ба он бегона, пеш аз ҳама, нисбат ба тамоюлҳои униатӣ (ягонагӣ) гардид.

Шахсияти инсон, ки асоси (пояи) ҳуқуқи муосир мебошад, сарфи назар аз тафриқаи молу мулкӣ, иҷтимоӣ ва дигар тафриқаҳо маҳз дар Византия ҳамин гуна дарк карда мешуд. Ҳамин тариқ, шуури ҳуқуқии Византия аввалин сарчашмаи аслии фаҳмиши ҳуқуқии муосири шахсият ба шумор меравад.

Ҳуқуқи Византия беназир буд. Мукаммалгардонии арзишҳои ҳуқуқии румӣ, ки дар низоми ҳуқуқии Византия ба таври муайян мулоҳиза ва дарк карда шудааст, ба устуворӣ, якпорчагии дохилии он мусоидат намуда, инчунин имкон медод, ки ба шароити тағйирёбандаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ мутобиқ шаванд, ё ба ибораи дигар, ба ташаккули назари ягона, яклухт ва низомӣ нисбат ба ҷаҳон ёрӣ мерасонд. Аз ин рӯ, шуури ҳуқуқии Византия дар пеши назари мо ҳамчун низоме пайдо мешавад, ки ҳастии бениҳоят тӯлонии онро дар таърихи инсоният таъмин кардааст.

Дар ҷаҳони муосир шароити душвори қобилияти ҳаётии иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию ҳуқуқии ҷомеа ва давлат мушоҳида карда мешавад, ҷаҳон дар ҳолати дигаргунсозӣ қарор дорад. Масъалаҳои қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар доираи ислоҳоти иқтисодӣ, конститутсионӣ ва судӣ-ҳуқуқӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёдӣ аҳамияти худро гум накардаанд.

Тадкиқи шуури касбии ҳуқуқӣ, хусусиятҳои ташаккули он, моҳияти байнисоҳавии ин проблема вобаста ба афзоиши талабот нисбат ба сатҳи шуури ҳуқуқии ҷомеа

ва шуури ҳуқуқии касбии субъектҳои фаъолияти ҳуқуқӣ, мароқи илмӣ ва амалиро дорад.

Ба андешаи мо, мафҳуми шуури ҳуқуқӣ шакли шуури ҷамъиятиро дар бар мегирад, ки қобилияти мавҷудияти шахсро дар ҳудуди воқеияти ҳуқуқӣ оид ба тарафдорӣ ва риояи меъёрҳои ҳуқуқие, ки давлат муқаррар кардааст муайян сохта, на танҳо ҳуқуқ, балки уҳдадориҳо низ дошта, барои кирдораш масъул бошад.

В.В. Лазарев, С.В. Липен қайд мекунанд, ки мафҳуми «шуури ҳуқуқии касбӣ» дар дастгоҳи истилоҳоти илмӣ барои тавсифи яке аз сатҳҳои шуури ҳуқуқӣ, ки «бо амалияи мушаххаси ҳуқуқӣ ташаккул ёфта, бо дониши ҳамаҷонибаи меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи ин ё он намуди фаъолияти ҳуқуқӣ ва расмиёти муайяни ҳуқуқӣ хос аст», муддати тӯлонӣ ва устувор ҷой гирифтааст[4]. Шуури ҳуқуқӣ, ба ғайр аз ин, ҳамчун асоси фаъолияти самаранокии на танҳо низоми ҳуқуқӣ, балки низоми сиёсӣ баромад намуда, мавқеи давлати ҳуқуқӣ, қонуният ва ҷомеаи ҳуқуқиро дар маҷмуъ ташаккул ва устувор мегардонад.

Таҳлили асарҳои назарияи ҳуқуқ нишон медиҳад, ки мафҳуми ягонаи категорияи «шуури ҳуқуқии касбӣ» мавҷуд нест. Бархе аз донишмандони ҳуқуқшинос шуури ҳуқуқии касбиро ҳамчун маҷмӯи ақидаҳо, ғояҳо, назарияҳо, таассурот ва эҳсосоти гурӯҳи одамоне, ки ин ё он мақоми ҳуқуқиро доранд, шарҳ медиҳанд[5]. Дигарон шуури касбии ҳуқуқиро инъикоси воқеияти ҳуқуқӣ медонанд[6].

---

[4] См.: Лазарев В.В., Липень С.В. Теория государства и права : учебник для вузов. М., 1998. –С. 280.

[5] См.: Назаренко Е.В. Социалистическое правосознание и советское правотворчество. Киев, 1968. –С. 5.

[6] См.: Общая теория права : курс лекций / под общ. ред. В.К. Бабаева. Н. Новгород, 1993. –С. 474.

Тавре С.С. Алексеев қайд менамояд, шуури ҳуқуқии касбӣ ин фаҳмиши ҳуқуқ мебошад, ки аз ҷониби ҳуқуқшиносони касбӣ дар асоси донишҳои назариявӣ ва амалии ҳуқуқии гирифташуда ташаккул ёфтааст[7].

Ба гуфтаи Н.Я. Соколов, шуури ҳуқуқии касбӣ яке аз шаклҳои шуури ҳуқуқӣ, назарияи «назари ҳуқуқӣ, дониш, ҳиссиёт, самтҳои арзишӣ ва дигар унсурҳои сохтории шуури ҳуқуқии одамоне, ки бо фаъолияти ҳуқуқӣ касбӣ машғуланд ва омодагии махсуси таълимӣ ва амалиро талаб мекунанд, мебошад»[8]. Шуури ҳуқуқӣ дар ҷанбаи касбӣ метавонад нисбат ба гурӯҳҳои гуногуни касбӣ ифода карда шавад. Дар ҳолати мазкур ин на танҳо нишондиҳандаи касб аст, балки тавсифе мебошад, ки дар луғати тафсирӣ ба таври зайл ифода ёфтааст: «бо коре ҳамчун касб машғул шудан», ҳамзамон дар ин ҷо омили муҳим хусусияти касбии фаъолияти иҷрошаванда мебошад.

Тавре Т.В. Синюкова пешкаш менамояд, шуури ҳуқуқии касбӣ -«мафҳумҳо, таассурот, ғояҳо, эътиқод, анъанаҳо, қолабҳоест, ки дар байни ҳуқуқшиносони касбӣ ҷамъ карда мешаванд. Ин навъи гуногуни шуури ҳуқуқӣ дар татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ нақши аз ҳама муҳим дошта, аз мувофиқати демократӣ ва инсонпарварии он тарз ва руҳияи амалияи ҳуқуқӣ вобаста аст»[9].

Ба ақидаи В.В. Лазарев ва С.В. Липен, шуури касбии ҳуқуқӣ шакли гурӯҳии шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносон буда, зери он маҷмӯи донишҳои ҳуқуқӣ, эҳсосот, самтҳои арзишӣ, малака ва маҳорати касбии гурӯҳи иҷтимоию касбие, ки фаъолияти ҳуқуқиро ба амал мебарорад, фаҳмида мешавад[10].

---

[7] См.: Алексеев С.С. Общая теория права. В 2 т. М., 1982. Т. 2. –С. 212.
[8] См.: Соколов Н.Я. Профессиональное сознание юристов. М., 1988. –С. 12.
[9] См.: Синюкова Т.В. Правосознание и правовое воспитание // Теория государства и права : курс лекций / под ред. Н.И. Матузова, А.В. Малько. М., 2001. С. 611–626.
[10] См.: Лазарев В.В., Липень С.В. Указ. соч. –С. 318.

Қайд кардан ба маврид аст, ки шуури ҳуқуқии судя бо худ дараҷаи муайяни пуррагии дарки воқеиятро тавассути ҳуқуқ ифода дода, онро аз шуури ҳуқуқии муқаррарӣ ва назариявӣ фарқ мекунад. Агар байни шуури ҳуқуқии касбӣ ва шуури оддӣ ва назариявӣ муқоиса кард, метавон меъёрҳои фарққунандаи зеринро зикр кард.

Бо инъикоси амиқи воқеият (ҳақиқат) шуури ҳуқуқии касбӣ - ин байни шуури ҳуқуқии оддӣ (оммавӣ) ва назариявӣ (илмӣ) мебошад. Шуури ҳуқуқии касбӣ нисбат ба оддӣ инъикоси амиқтари ҳақиқатро нишон медиҳад ва дорои ҳаҷми зиёди донишҳои ҳуқуқӣ мебошад. Фаҳмиши сатҳӣ сарсариёнаи ҳуқуқ, ки ба дарки аксиологии ҳақиқат асос меёбад нею, балки воқиф шудан аз моҳияти падидаҳои ҳуқуқӣ мушоҳидакарда мебошад. Он аз шуури ҳуқуқии оддӣ бо мураттаби, таҳлили дақиқ, мазмуни илмӣ, сарчашмаҳои расмӣ, ҷиддан риоя кардани сохтори баёнот фарқ мекунад.

Шуури ҳуқуқии касбӣ аз шуури назариявӣ бо хусусияти ташаккули худ, ки мавҷудияти таълими ҳуқуқӣ, фаъолияти амалии ҳуқуқӣ, ҷузъи психологӣ, инчунин татбиқро дар фаъолияти меҳнатӣ дар назар дорад, фарқ мекунад. Шуури ҳуқуқии илмӣ ҳамчун яке аз навъҳои шуури ҳуқуқии касбӣ қабул карда мешавад. Шуури ҳуқуқии илмӣ назарияхо, консепсияҳо, ақидаҳои гуногунро оиди он ки ҳуқуқ, рафтори ҳуқуқӣ чист дарбар мегирад.

Дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ мисолҳо оиди он ки шуури ҳуқуқии касбӣ ва илмӣ дар як намуд ба ҳам пайвандад, ба чамш мерасанд.

Чунин муносибат комилан дуруст нест, зеро шуури ҳуқуқии илмӣ зери таъсири дониш ва таълимоти назариявӣ ташаккул меёбад, касбӣ бошад, дар навбати худ бао

донишҳои дар натичаи фаъолияти татбиқи ҳуқуқ ба даст овардашуда асос меёбад[11].

Шуури ҳуқуқии касбӣ ба амсоли назариявӣ, дар асоси донишҳои илмӣ оид ба ҳуқуқ ташаккул меёбад. Як катор муаллифон чунин мешуморанд, ки маҳз мавҷудияти таҳсилоти махсус манбаи асосии шуури ҳуқуқии касбӣ буда, аз худ намудани донишҳои махсус, ташаккули малака ва маҳорати заруриро таъмин менамояд.

Боз яке сарчашмаи дигар ин таҷрибаи дар давоми фаъолияти касбӣ ҷамъшуда мебошад. Аммо дар ин замина сухан маҳз дар бораи таҷрибаи касбии ҳуқуқӣ меравад, ки метавонад ҳам "пардаи" мусбӣ ва ҳам манфӣ дошта бошад[12].

Татбиқи шуури ҳуқуқии назариявӣ ё оддӣ дар ҳаёти ҳаррӯза субъекти онро тавсиф мекунад. Субъекти шуури ҳуқуқии касбӣ онро бевосита дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ барои ҳалли вазифаҳои ба миён гузошташуда истифода[13].

Барои шуури оддӣ дониши амиқи назариявӣ хос нест, онҳо ба андозаи бештар дар асоси тамоюлҳои арзишӣ ташаккул меёбанд. Дар ҷараёни фаъолияти амалии ҳуқуқӣ фарогирӣ бо моҳияти падидаҳои ҳуқуқӣ ба вуқуъ меояд. Ба шуури ҳуқуқии назариявӣ қабати васеътарин ва калонтарини дониш хос аст. Аз байни аломатҳои шуури ҳуқуқии касбӣ онро қайд кардан мумкин аст: - шуури ҳуқуқии одамонро муайян мекунад, ки барои онҳо ҳуқуқшиносӣ, қонунҳо, санадҳои зериқонунӣ дар касб «олот» ба шумор меравад; – бо омӯзиши амиқи меъёрҳои

---

[11] См.: Махрова М.В., Махрова Е.И. Подходы к определению функций правосознания и профессионального правового сознания // Юридическая наука как основа формирования правовой культуры современного человека: сборник статей по итогам международной научно-практической конференции. Стерлитамак, 2018. С. 32–35.

[12] Там же

[13] Там же

ҳуқуқ барои намуди муайяни фаъолияти ҳуқуқӣ асос ёфтааст; — бо гузариш аз сатҳи таассуроти ҳуқуқӣ ва эҳсосот ба сатҳи принсипҳо ва дастурҳои ҳуқуқӣ далолат мекунад[14].

Ҳамин тариқ, шуури ҳуқуқии касбиро метавон ҳамчун маҷмӯи анъанаҳо, таассурот, ҳиссиёт, дониш, ғояҳо ва арзишҳои ҳуқуқӣ, ки дар ҷанбаҳои амалӣ ва назариявии эътиқодҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва ахлоқӣ амалӣ карда шуда, рафтори иштирокчиёнро дар доираи фаъолияти касбӣ муайян карда, муносибати онҳоро нисбат ба ҳуқуқ ифода мекунанд, шарҳ дод. Вазифаи шуури ҳуқуқӣ аз он иборат аст, ки он шакли инъикос ва дарки ҷузъи таркибии ҳуқуқии ҷомеа мебошад[15].

Дар пайи ин андеша олимон се вазифаи асосии шуури ҳуқуқиро муайян мекунанд: идрокӣ, арзёбӣ ва танзимкунанда.

Амалҳои ин вазифаҳо ба субъект нигаронида шуда, ҳамон нақшеро, ки шуури ҳуқуқиро дар доираи ҷомеа мебозад, муайян мекунанд. Функсияҳои таъиншуда ҳамонеро инъикос медиҳанд, ки чӣ гуна фард ҳақиқати ҳуқуқиро дарк мекунад, чӣ тавр рафтори шахс мутобиқи донишҳои ҳуқуқӣ ва таассуротҳои ташаккулёфта тағйир меёбад. Минбаъд, муайян кардани моҳияти вазифаҳои шуури ҳуқуқии касбӣ ба мақсад мувофиқ аст:

- идрокӣ барои ба даст овардани дониши ҳуқуқӣ, маълумот дар бораи қонунгузории амалкунанда ва хусусиятҳои хоси татбиқи он дар амалия нигаронида шудааст;

[14] Там же

[15] См.: Махрова М.В., Махрова Е.И. Подходы к определению функций правосознания и профессионального правового сознания // Юридическая наука как основа формирования правовой культуры современного человека: сборник статей по итогам международной научно-практической конференции. Стерлитамак, 2018. –С. 32–35.

- арзёбӣ бо роҳи арзёбии ҳодисаҳо, падидаҳо, ҳолатҳо ва ҳуҷҷатҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим, инчунин муқоисаи онҳо бо арзишҳо ва меъёрҳои дар ҷомеа қабулшуда амалӣ карда мешавад;

- танзимкунанда имкон медиҳад, ки механизми танзими рафтор ё амал бо дарназардошти дастурҳои ҳуқуқӣ ташаккул дода шавад.

Дар байни вазифаҳои шуури ҳуқуқии касбӣ инчунин вазифаҳои идрокӣ-ислоҳотӣ, арзёбӣ, танзимкунанда-муҳофизатӣ, коммуникативӣ-транслятсионӣ (интиқолӣ), иҷтимоисозӣ ва пешгӯӣ ҷудо карда мешаванд[16].

Аҳамияти вазифаи идрокӣ -ислоҳотӣ на танҳо дар ҷамъ овардани миқдори муайяни донишҳои ҳуқуқӣ, балки дар татбиқи донишҳои бадастомада дар раванди фаъолияти зеҳнӣ дар соҳаи татбиқи ҳуқуқ ва қонунэҷодкунӣ ҳам мебошад. Хусусияти хоси вазифаи арзёбии шуури ҳуқуқии касбӣ маҷмӯи дарки эҳсосӣ категорияҳои аксиологӣ низ мебошад, ки тавассути фаъолияти ҳуқуқӣ ба амал омада, муносибатро нисбат ба вазъи ҳуқуқию сиёсӣ дар ҷамъият инъикос менамояд.

Моҳияти вазифаи танзимкунанда-муҳофизатии шуури ҳуқуқии касбӣ аз гузаштан аз муносибати доктринӣ ба кирдорҳои мушаххасе мебошад, ки ба танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва ташаккули давлати ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд. Вазифаҳои коммуникативӣ-транслятсионӣ (интиқолӣ) аз гирд овардани иттилооте иборат аст, ки аз сарчашмаҳои гуногун ҷамъоварӣ карда мешавад. Ин маълумотҳо метавонанд тағйир дода шаванд, зеро бо онҳо кор карда, шахс ба онҳо муносибати шахсӣ медиҳад. Ин вазифа инчунин аз интиқоли иттилооти ҳуқуқӣ ва ташаккули таҷрибаи амалии ҳуқуқӣ иборат аст.

[16] Там же. –С. 34.

Чунин амалҳо асоси ворисии ҳуқуқӣ ва нигоҳдории принсипҳою анъанаҳои ҳуқуқиро дар низоми ҳуқуқи миллӣ ташкил медиҳанд. Барои вазифаи пешгӯӣ дар фаъолияти касбӣ ҷорӣ намудани принсипҳои пешгӯии илмӣ ва мунтазамӣ муҳим аст. Ин имкон медиҳад барои рушди пешравии ҳуқуқии ҷомеа кӯшиш ба харҷ дод. Зеро бо дар назар доштани пайдоиши ин ё он шароит, тағйирёбии муҳити берунӣ, ҳуҷҷати дахлдори меъёрӣ омода карда мешавад. Д.В. Гуренко шуури ҳуқуқии касбиро аз рӯи асосҳои зерин тасниф мекунад:

- аз рӯи намуди низомҳои ҳуқуқӣ (славянӣ, романӣ-германӣ (олмонӣ), исломӣ, англосаксонӣ ва дигар намудҳо);

- тибқи намуди фаҳмиши ҳуқуқӣ (легистӣ-позитивистӣ, синфӣ, этнократӣ, либертарӣ, фалсафӣ ва ғ.);

– аз рӯи соҳаҳо ва шаклҳои фаъолияти ҳуқуқӣ (ҳифзи ҳуқуқ, сиёсӣ -идоракунӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ); дар доираи ин мураттабсозии тақсимоти шуури ҳуқуқии касбӣ ба судӣ, прокурорӣ, адвокатӣ пешниҳод карда мешавад;

- аз рӯи мансубияти соҳавӣ, намудҳои муносибатҳои танзимшаванда ва вазифаҳои иҷрошаванда (шуури касбии ҳуқуқии оммавӣ ва хусусӣ)[17].

Касби ҳуқуқшиносӣ хусусиятҳои хоси шуури ҳуқуқии намояндагони худро муайян намуда, барои рушду инкишофи намуди махсуси шуури ҳуқуқӣ, ки ба ин ё он ихтисоси ҳуқуқӣ хос аст, ҳамчун асос хизмат мекунад.

Чунин шуури ҳуқуқӣ, ки барои ҳар як гурӯҳи касбии ҳуқуқӣ ё иттиҳод хос мегардад, метавон ҳамчун шуури махсуси ҳуқуқии касбӣ муайян кард. А.Р. Ратинов қайд мекунад: «Маҷмӯи чунин унсурҳои шуури ҳуқуқиро, ки дорои паҳншавии оммавии ба гурӯҳҳои алоҳидаи одамон

---

[17] См.: Гуренко Д.В. Социокультурные особенности профессионального правосознания в России: дис. … канд. юрид. наук. Ростов н/Д., 2007. –С. 10.

вобаста ба фаъолияти касбиашон хос аст, намебошанд, метавон махсусгардонида шуморид»[18]. Барои шуури ҳуқуқии касбии махсусгардонида сатҳи муайяни дониш вобаста аз соҳаи ҳуқуқ, ки шахс дар рафти фаъолият бештар бо он сарукор дорад, хос мебошад.

Дар дохили гурӯҳи махсусгардонидашуда инчунин самтҳои махсуси арзишӣ ва меъёрҳои хоси муносибатҳо мавҷуданд.[19].

Барои муайян кардани мафҳуми ташаккули шуури ҳуқуқии касбӣ талаботи зерини умумӣ аҳамият доранд: риояи қатъии қонун; эҳтиром ба принсипҳои қонун; омода будан на танҳо ба риоя, балки ба ҳифзи принсипҳои қонуният; донистани меъёрҳои ҳуқуқие, ки фаъолияти касбии субъекти шуури ҳуқуқии касбииро танзим мекунанд; риояи муқаррароти Конститутсия ҳамчун қонуни асосӣ[20].

Сохтори шуури ҳуқуқӣ мавҷудияти ҷузъҳои ба ҳам алоқаманд ва якҷоя амалкунандаро, ки якпорчагии шуури ҳуқуқиро ташкил намуда, инкишоф ва фаъолияти онро таъмин мекунанд, дар назар дорад. Ба гуфтаи В.Б. Никитин, сохтори шуури ҳуқуқӣ аз шуури муқаррарӣ (оддӣ), шуури ҳуқуқии умумии инсон (умумибашарӣ), психологияи ҳуқуқӣ ва идеологияи ҳуқуқӣ иборат аст[21]. Низоми шуури ҳуқуқӣ бояд ҳамчун маҷмӯи унсурҳои ба ҳам алоқамандро ифода намояд. И.Е. Фарбер дар сохтори шуури ҳуқуқӣ ду ҷузъро қайд мекунад: психологияи ҳуқуқӣ ва идеологияи ҳуқуқӣ[22].

[18] См.: Ратинов А.Р. Структура и функции правового сознания // Проблемы социологии права / отв. ред. А.Б. Чяпас. Вильнюс, 1970. Вып. 1. –С. 185.
[19] См.: Соколов Н.Я. Указ. соч. –С. 38.
[20] См.: Сиротин А.С. Уважение к закону: проблемы теории и практики его формирования в России. М., 1999. –С. 25.
[21] См.: Никитин В.Б. О структуре правосознания // Человек и общество. Социальные проблемы права : сборник научных работ. Л., 1973. Вып. 12. –С. 125.
[22] См.: Фарбер И.Е. Правосознание как форма общественного сознания. М., 1963. –С. 60.

Ҳамзамон, таҳқиқи шуури ҳуқуқӣ дар доираи ҷузъҳои таркибии психологӣ ва идеологӣ сурат мегирад. Ба ақидаи В.В. Гриб, «моҳияти шуури ҳуқуқии касбӣ бештар дар хусусиятҳои хоси идеологияи ҳуқуқӣ, ки барои низоми донишҳои ҳуқуқӣ, дастурҳо, таассурот, эҳсосот, ҳиссиёт, одатҳо ва самтҳои арзишии касбӣ баррасимешуда хос мебошад, ифода меёбад»[23].

Зери мафҳуми идеологияи шуури ҳуқуқии касбӣ маҷмӯи ғояҳои ҳуқуқие, ки ҳолати ҳуқуқии ҷомеа, ҳақиқати ҳуқуқиро инъикос намуда, инчунин ба ақидаҳои ҳуқуқии ҳуқуқшиносон таъсир расонида, принсипҳои фаъолияти касбии онҳоро ташаккул медиҳанд, фаҳмида мешавад.

Омили муҳими ташаккули идеологияи устувори ҳуқуқӣ ҳамчун унсури шуури ҳуқуқии касбӣ ташаккули ҳисси ватандӯстӣ мебошад. Н.Я. Соколов дар бораи сохтори шуури ҳуқуқии касбӣ сухан ронда, чунин қайд мекунад: «Дар сохтори дохилии шуури ҳуқуқии касбӣ се соҳаро ҷудо кардан мумкин аст: самтнокӣ, таҷриба ва асосҳо, ки ҳар кадоми онхо зернизом ва унсурҳои худро доранд. Дар навбати худ, ба соҳаи самтнокӣ ба функсияи телеологӣ (мақсадгузорӣ), соҳаи таҷриба - праксеологӣ, соҳаи асосҳо - генератсионӣ (ҳаракатдиҳанда) мувофиқат мекунанд.

Ин асло маънои онро надорад, ки шуури ҳуқуқии касбӣ вазифаи танзимкунанда надорад. Баръакс, он нисбат ба тамоми дигар вазифаҳое, ки онро мушаххас мегардонанд, пешбар аст»[24].

Унсурҳои сохтории шуури ҳуқуқии касбӣ сатҳи дарки падидаҳои иҷтимоию ҳуқуқиро муайян мекунанд.

---

[23] См.: Гриб В.В. Факторы, влияющие на формирование профессионального правосознания российских юристов // История государства и права. 2003. № 6. –С. 17.
[24] См.: Соколов Н.Я. Указ. соч. –С. 159.

Ҳамин тариқ, ба ақидаи А.В. Грошев, сохтори шуури ҳуқуқии касбӣ ҷузъҳои эҳсосӣ-арзёбӣ, иттилоотию маърифатӣ ва рафторӣ-танзимкуниро дар бар мегирад, ки ҳам дар марҳилаи гирифтани таҳсилоти ҳуқуқӣ ва ҳам дар ҷараёни амалисозии малакаҳои бадастомада ташаккул меёбанд[25].

Ғайр аз ин, ҳангоми таҳқиқи сохтори шуури ҳуқуқии касбӣ онро бояд дар назар дошт, ки он ташкилаи мустақил набуда, бояд дар заминаи муносибатҳои иҷтимоӣ пешниҳод карда шавад, зеро аз рушду инкишофи онҳо вобаста аст.

Шуури ҳуқуқии касбӣ як қатор аломатҳои махсус дорад, ки дар асоси онҳо дар бораи мавқеъ ва нақши махсуси он сухан рондан мумкин аст[26]. Барандаи шуури ҳуқуқии касбӣ шахсе баромад мекунад, ки фаъолияти касбии ӯ бо ҳуқуқ ва меъёрҳои он алоқаманд аст; манбаи иттилоотии чунин шуури ҳуқуқӣ таҳсилоти миёнаи махсус дар коллеҷҳои ҳуқуқшиносӣ, таҳсилоти олии ҳуқуқӣ, инчунин мавҷудияти дараҷаи магистрӣ ё илмӣ мебошад; ба шуури ҳуқуқии касбӣ самти возеҳи предметӣ хос аст, ки зери он донистани ҳақиқати ҳуқуқӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, қобилияти татбиқи малака ва салоҳиятҳои бадастомада дар амалия - дар фаъолияти касбӣ фаҳмида мешавад; шуури ҳуқуқии касбӣ мавҷудияти асосҳо ва ҷаҳонбинии ҳуқуқиро, ки барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоии барои ҷомеа ва давлат муҳим мебошанд, пешбинӣ менамояд[27].

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки шуури ҳуқуқии касбӣ хусусиятҳои нав пайдо карда, таҳти

---

[25] См.: Грошев А.В. Профессиональное правосознание сотрудников органов внутренних дел (понятие, функции, проблемы формирования) : учебное пособие. Екатеринбург, 1995 (1996). –С. 8-9.

[26] См.: Соколов Н.Я. Указ. соч. –С. 19.

[27] См.: Бреднева В.С. Уровни правосознания и юридическая деятельность: монография. Южно-Сахалинск, 2010. –С. 20.

таъсири ҷустуҷӯҳои ботинӣ, эътиқоди маънавӣ, ақидаҳои сиёсӣ ва вазъи иқтисодии ҷомеа ва кишвар тағйир ёфта, ба омили фаъоли ташаккулёбии фаъолияти ҳаёти ҷамъият табдил ёфта, ҳамзамон сарбории функсионалӣ дорад. Шуури ҳуқуқии касбӣ ба рафъи дарки қонун ҳамчун маҷбуркунӣ, қувваи аз боло фишоровар, рафтори ҳатмии ҷоринамуда ва ҳамзамон ба ташаккули дарки қонун ҳамчун сарчашмаи озодӣ, асоси риояи манфиатҳои давлатӣ ва шаҳрвандӣ, нигаҳдории ҳуқуқҳое, ки дафлат кафолат додааст, нигаронида шудааст.

Зери фаъолияти ҳуқуқӣ фаъолияте фаҳмида мешавад, ки бо чунин танзимкунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ, ба амсоли ҳуқуқ алоқаманд аст[28]. Ба ин фаъолияти ҳуқуқии давлат (илми ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, адлия, адолати судӣ, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва назоратӣ ва ғайра) ва фаъолияти ҳуқуқии шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дохил мешаванд[29].

Таҳти хавфҳои ботинӣ -маънавӣ дар фаъолияти ҳуқуқӣ ва илми ҳуқуқшиносӣ бояд омили инсонӣ, ки бо симои маънавию ахлоқӣ ва сатҳи ботинӣ -маънавии шахс ва шахси мансабдоре, ки ба фаъолияти ҳуқуқӣ (ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи назариявӣ ва амалӣ машғул мебошад ва (ё) қарорҳои муайян қабул мекунанд, идоракунии давлатӣ ва корпоративиро ба амал мебароранд, фаҳмида мешавад.

---

[28] Подробно см.: Хропанюк В.Н. Теория государства и права. М.: Дабаков, Ткачев, Димов, 1995. – 384 с.

[29] Подробно см.: Беляев В.П. О классификации юридической деятельности // Ленинградский юридический журнал. – 2005. – № 13. – С.175-185; Карташов В.Н. Юридическая деятельность: понятие, структура, ценность. Саратов: Изд-во Сарат. ун-та, 1989. – 219 с.

Асоси назариявии фаъолияти ҳуқуқро илми ҳуқуқшиносӣ таъмин мекунад, ки дар фаъолияти худ на ҳамеша принсипҳои баланди маънавию ахлоқиро ба роҳбарӣ мегирад. Дар натиҷаи фаъолияти ҳуқуқӣ меъёру қоидаҳо таҳия гардида, амнияти ҷисмонӣ, ҳуқуқӣ, маънавӣ ва ахлоқии инсон, ҷомеа ва давлат таъмин мегардад. Қарорҳое, ки дар рафти фаъолияти ҳуқуқӣ қабул карда мешаванд, бевосита аз шахс ё гурӯҳи шахсоне, ки дорои ваколатҳои муайяни салоҳият доранд (шахсони мансабдор, вакилони мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, судяҳо) вобастаанд. Некуаҳволӣ ва амнияти инсон, ҷомеа ва давлат аз онҳо вобаста аст. Аз ин рӯ, қонун ва ҷомеа бояд нисбат ба онҳо, аз ҷумла ба сатҳи маънавию ахлоқии инсон талаботи зиёд гузорад.

Мутаассифона, дар сатҳи қонунгузорӣ нисбат ба сатҳи маънавию ахлоқии (симои) номзад ба вакилӣ ба ин ё он мансаби интихоботии давлатӣ ва ҳукуматӣ, аз чумла, судяҳо ягон талабот пешиҳод карда намешавад. Айнан ҳамин гуна вазъият нисбат ба дигар ҳуқуқшиносони амалкунанда, ки манфиатҳои ташкилотҳо ва шаҳрвандонро ҳимоя мекунанд, мушоҳида карда мешавад.

Хавфҳои ботинӣ ва маънавӣ дар фаъолияти ҳуқуқӣ ва илми ҳуқуқшиносӣ ба ҳаёт ва амнияти инсон, ҷомеа ва давлат бевосита таъсир мерасонанд, зеро сатҳи маънавию ахлоқии инсон ҳамеша ба қарорҳое, ки вобаста ба сарнавишти шахси муайян, амният, дар тарҳрезии меъёрҳою қоидаҳои муайяни назариявӣ ва амалии таъмини амнияти инсон дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ӯ, таъсир мерасонад. Манбаи назариявии заиф ва бадахлоқонаи (фосиқи) илми ҳуқуқшиносӣ ба қабули қонунҳои ғайриинсонӣ ва бадахлоқ, ҳавасмандкунии фисқу фуҷури маънавию бадахлоқӣ ва ҷиноят мусоидат мекунад (масалан, дар қонунгузорӣ мавҷуд набудани муҷозоти

нисбатан муносиб барои коррупсия ва мусодираи амволе, ки бо роҳи ҷиноятӣ ба даст оварда шудааст, пешгири намекунад, балки боиси паҳншавии коррупсия ва ғайра мегардад).

Сатҳи маънавию ахлоқии инсон дар шахс ҳамеша шуури оқилонаи инсониро ташаккул медиҳад, аз он ҷумла шуури ҳуқуқии мувофиқ ва таҳрифнашударо, ки бо риояи қатъии иҷрои меъёрҳои ахлоқ (маънавият) ва қонун асос ёфтааст. Вобаста ба саволи гузошташуда ин эрод алоқамандии бевосита дорад, зеро дарки ҳуқуқӣ ҳангоми мавҷуд будани қонуниятҳои умумӣ ба таври гуногун зоҳир мегардад, дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқӣ хусусияту нозукиҳои худро дорад, ки ин пеш аз ҳама бо шароитҳои гуногуни фаъолияти субъекти татбиқи ҳуқуқе, ки дарки ҳуқуқиро амали мегардонад шарҳ дода мешавад. Сухан дар бораи шароити фаъолияти татбиқи ҳуқуқ меравад, ки дар рафтор, шуури татбиқкунандаи ҳуқуқ осори худро гузошта, як навъи тафаккури касбиро ба вуҷуд меоранд.

Ҳастии касбӣ бо омилҳои сершумор муайян карда мешавад, дар байни он - ҷой ва аҳамияти ҳамон фаъолияти касбӣ дар ҷамъият, ки татбиқкунандаи ҳуқуқ ба он машғул аст, самт, дарки ин фаъолият аз ҷониби ҷомеа, мақсаду ҳадафҳое, ки бартарияти тафаккури касбии татбиқкунандаи ҳуқуқро ташкил медиҳанд, муайян карда мешавад[30].

Вобаста ба ин, ҳангоми таҳлили дарки ҳуқуқие, ки дар доираи як парвандаи ҷиноятӣ зоҳир мегардад, чунин тахмин кардан, ки дар сурати мавҷуд будани қонуниятҳои

[30] Аверин А.В. Судебное правоприменение и формирование научно-правового сознания судьей (проблемы теории и практики). Дисс. на соис. учен. степ. док. юрид. наук. Саратов, 2004. –С. 120.

умумии̅ дарки ҳуқуқӣ дар марҳилаҳои гуногуни ҳаракати парвандаи ҷиноятӣ як хел зуҳур меёбад, хато мебошад.

Аз ҷумла, яктарафагии айбдоркунӣ дар таҷрибаи судӣ оид ба татбиқи қонуни ҷиноятӣ буд ва аслан бо сабабхои сершумори ҳаёти боқӣ мемонад ва яке аз онҳо дар ИҶШС ин мансубияти расмии судҳо ба низоми мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва додани вазифаи муборизаи зидди чиноятҡорӣ буд.

Дар марҳалаи кунунии рушди давлати мо дар чаҳорчӯби дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодии оғозшуда барои ташаккули ҳокимияти мустақили судӣ заминаҳои зарурӣ фароҳам оварда шудаанд, ки ин яке аз шартҳои решакан кардани яктарафагии айбдоркунандаи татбиқи судӣ мебошад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳими татбиқи судии ҳуқуқ мавриди омӯзиши ихтилофи ҳуқуқӣ фаъолияти зеҳнии судя мебошад. Барои пурратар дарк намудани қонунияте, ки ба ин фаъолияти мушаххас таъсир мерасонад, зарур аст, ки масъала ва табиати дарки ҳуқуқиро, ки пас аз таҳлили чунин падида, ба монанди шуури ҳуқуқӣ ба он гузаштан мантиқ аст, мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Мо дарки моддии шуурро ҳамчун хислати майнаи инсон, ки дар ҷараёни эволютсияи инсон дар натиҷаи фаъолияти амалии он ба вуҷуд омада, имкон медиҳад, ки бо мафҳумҳои абстрактӣ амал намоем ба асос гирифта, шуур таваҷҷӯҳи моро ҳамчун хислати майнаи инсон, ки имкон медиҳад, ҷаҳонро дарк кунем,ҷалб мекунад.

Худи ҷараёни аз тарафи инсон дарк кардани дунё бе зуҳуроти хислати умумии табиат — инъикос кардан, имконнопазир аст. Инъикос ҳамчун зуҳуроти ҳама гуна таъсири мутақобила дар табиат дар доираи дарки инсон дар бораи ҷаҳон ҳам ҳамчун ҷараён ва ҳам ҳамчун натиҷа тавсиф мешавад.

Ба шарофати ин хосияти табиат инсон метавонад воқеияти атрофи худро тавассути ретсепторҳои беруна дарк кунад, ки дар натиҷаи он ҷараёни дарки инсон дар бораи олам (дарки муҳит) ба амал меояд ва дар шуури инсон симои субъективии олами объективӣ пайдо мешавад. Аёнро исбот кардан лозим нест, ҳар як шахс дар бораи ҷаҳон дарки худ, фардӣ, субъективиро дорад.

Ин, дар навбати худ, на танҳо бо он шарҳ дода мешавад, ки ҳақиқати атроф дар шуури ҳар як инсон, мункасир гардида, инъикоси алоҳидаи фардӣ меёбад, балки инчунин бо он шарҳ дода мешавад, ки худи ҳақиқати объективӣ ниҳоят гуногунранг аст (дарки ин дар рафти татбиқи судии ҳуқуқ, алалхусус дар ҳолатҳое, ки маълумот дар бораи ҳодисаи мавриди омӯзиш қароргирифта аз ҷониби шоҳидон нишондод дода мешавад зарур аст).

Шуури инсон имкон медиҳад, ки симои идеалии ҳақиқати объективӣ аз нав тавлид карда шавад.

Аммо худи ҳамин хислати шуур имкон медиҳад абстраксияҳо ташаккул ёбанд, ки ин аз як тараф ҳам барои ҳастии инсон ва ҳам барои пешрафти ҷомеа ҳаётан муҳим аст, аз ҷониби дигар барои ба ғайриҳақиқӣ рафтани тафаккури инсон шароит фароҳам меорад. Дарки ин хосияти шуури инсонӣ ба судя имкон медиҳад, ки нисбат ба ҳар як иштирокчии мурофиа муносибати алоҳида кунад, хусусан дар мавриде, ки сухан дар бораи шахсонест, ки психикаи ноустувор доранд, нисбати кӯдакон, шахсоне, ки ҳодисаҳоро дар ҳолати стресс дарк кардаанд ва ғайра меравад. Он чизе, ки дар шуури фардӣ ё ҷамъиятӣ инъикоси худро меёбад, ибтидоӣ аст, симои ин инъикос бошад дар шуур аз ибтидоӣ бармеояд.

Ҳамзамон комилан равшан аст, ки инъикоси ҳақиқат дар шуур ҳамчун дар оина на танҳо аз он сабаб нест, ки дар

он «инкисори» субъективии иттилооти воридшаванда ба вуқуъ меояд, балки инчунин аз он сабаб, ки иттилооти воридотӣ ба «болои таҷрибаи ҳаётии фард гузошта шуда», ба шахс барои дарк кардани ҳақиқат бо маънои муайян на ба таври механикӣ, балки ба таври эҷодӣ мусоидат мекунад. Дар натиҷаи инъикоси ҳақиқати объективӣ ҷараёни дарккунӣ, фаҳмидан, сарфаҳми ин ҳақиқат ба амал меояд ва чун натиҷаи фаъолияти равонӣ, симои идеалии предмет, ки инъикоси худро дар шуури инсон ёфтааст, ба вуҷуд меояд.

Ин симои идеалӣ танҳо ҳамчун натиҷаи ҷараёни тафаккури ҳақиқӣ буда, ҳам дар сатҳи эмпирӣ (пас ин симои идеалӣ воқеияти ҳақиқиро ба ин ё он дараҷа инъикос мекунад) ва ҳам дар сатҳи назариявӣ ташаккул меёбад. Ғайр аз ин, сатҳи назариявии дарк дар ҷараёни тафаккури мафҳумҳои умумӣ, тарҳрезии тасвияти тафсирҳо, сохтани назарияҳоро дар назар дорад.

Кадом воқеият дар шуури инсон инъикос ёфта, имкон медиҳад, ки симои идеалии ҳуқуқ ба вуҷуд ояд?

Агар дар бораи сатҳи эмпирии дарк сухан ронем, пас ҳуқуқ (ҳамчун симои идеалӣ, зеро чунин падидаи физикӣ вуҷуд надорад) бо худ маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки дар онҳо қоидаҳои умумии ҳатмии рафтор муқаррар карда шудаанд. Зеро онҳо дар шакли беруна дар шакли хаттӣ ифодаи объективӣ доранд. Ин падида, ки дар сатҳи эмпирӣ ба осонӣ дарк карда мешавад, на танҳо метавонад, балки мавриди таҳқиқи назариявӣ низ қарор гирад.

Аммо агар дар бораи сатҳи назариявии дарк сухан ронем, ки дар натиҷаи он дар шуури инсон симои идеалии ҳуқуқ на ҳамчун натиҷаи дарки маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки ҳамчун падидаи ламснашаванда ба вуҷуд меояд, пас мо бояд розӣ шавем, ки ин ҳуқуқ як симои тафаккури муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ниёзҳои идеалӣ дар танзими

онҳост. Ин ниёзҳои идеалӣ бо худ қоидаҳои идеалии рафтор, яъне қоидаҳои идеалӣ мебошанд, ки танҳо дар шуури як шахс ё гурӯҳи одамон вуҷуд доранд.

Ин қоида - меъёрҳои идеалӣ ифодаи аниқ надоранд (зеро «чӣ қадар ки ҳуқуқшинос ҳаст ҳамон қадар ақида ҳаст»), вале онҳо самти умумӣ оид ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, бо назардошти ниёзи объективии ҷамъият ба тараққиёт хоҳанд дошт.

Аммо симои идеалиро бо ҳақиқати объективӣ, ки дар навбати худ, дар рафтори одамон, муносибатҳо байни онҳо зоҳир мегардад, муайян кардан мумкин нест.

Аз ин рӯ, ҳуқуқи идеалӣ ҳамчун симои зеҳнии субъективӣ, ки аз ҷониби шуур дар сатҳи назариявии инъикоси ҳаққат ташаккул ёфтааст, ҳамчун инъикоси муносибатҳо ва робитаҳои воқеӣ байни одамон дар ҷомеа хизмат мекунад ва дар асоси худ он самти танқидӣ дорад, зеро бо худ маҷмӯи қоидаҳои идеалии рафторро, ки аз нуқтаи назари шуури фардӣ ё коллективӣ нисбат ба қонуни амалкунанда ба аниқтар ба қонунияти рушду тараққиёти чамъият мувофиқат мекунанд, ифода медиҳад.

Ҳол он ки, дар асоси чунин симои зеҳнӣ (тафаккур) «шарҳи озоди ниёзи иҷтимоӣ» нею, балки фаҳмиш ё дарки қонунияти рушду тараққии ҷамъият, дарки ҳақиқат гузошта шудааст.

Дарки ҳуқуқи идеалӣ ҳамчун натиҷаи дар шуури инсон инъикос ёфтани муносибатҳои иҷтимоӣ, робита ва ниёзҳо дар танзими онҳо ҷараёни тафаккур аст. Ҳар як шуур ҳамчун зуҳуроти фаъолияти зеҳнии инсон бо шароити зиндагӣ муайян карда мешавад (ҳастии ҷамъиятӣ шуурро муайян мекунад). Бояд қайд кард, ки ҳатто дар як ҷомеа, дар доираи ҳамон як ҳудудҳои вақтӣ, шароити зиндагии барандагони шуур гуногун аст.

Зиёда аз он, вобаста ба дараҷаи рушду тараққиёти иқтисодии ҷомеаи мазкур, ниҳодҳои демократии он, тақсимот ба табақаҳо, синфҳо, силкҳо (кастаҳо) ва ғайра шуури ҳуқуқӣ ҳамчун фардӣ ва коллективӣ на танҳо дараҷаи гуногун, балки гуногуниро ҳам хоҳад дошт. Нисбати шуури ҳуқуқии тамоми ҷамъият бошад, ин категория ба маънои муайян хеле абстрактӣ буда, танҳо баҳои умумӣ, миёнаи ҷамъиятии (дар сатҳи рушду тараққиёти иқтисодии худ ва дар асоси дараҷаи инкишофи институтҳои демократии ҷомеаи мазкур) ҳамон маҳакҳои (меъёрҳои) ҳамзистие, ки инсоният ба вуҷуд овардааст, инъикос дода метавонад.

Дар баробари ин, чунин арзёбӣ дар ҳар ҷомеа на ҳама мепазиранд, зеро ин соҳаи дарки субъективии ҳаёт аст.

Тавре ки қаблан зикр гардид, пайдоиши ҳуқуқ ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ бо эҳтиёҷоти объективии ҷомеаи инсонӣ ба вуҷуд омада, бо қонунҳои мавҷудияти (ҳастии) он асос ёфтааст, аммо берун аз ҷомеаи инсонӣ ҳуқуқ вуҷуд дошта наметавонад. Дар натиҷаи эҷодкории тафаккури инсон, ҳамчун ихтирои дурахшони башарият ба ин маънӣ бо худ воқеияти субъективиро ифода мекунад-«Ҳуқуқшиносон бо мақсади қайд намудани мавҷудияти ҳуқукро ҳамчун падидаи ҳаёти воқеӣ, нисбати он истилоҳи «ҳақиқат»-ро татбиқ намудаанд.

Ва дар ҳақиқат ҳам, на танҳо амалҳо, балки фикр на танҳо материя, балки шуур низ ҳақиқӣ мебошанд. Кӯшиши ошкор намудани мустақилияти ҳуқуқ аз худсарии шахсони алоҳида боиси ба кор бурдани мафҳуми «объективӣ (холисона)» гардид, ки ин худ ба худ комилан қобили қабул аст, зеро истилоҳи мазкур маънои зиёд дорад. Аммо омезиши мафҳумҳои «объективӣ» ва «ҳақиқат» ба он

оварда расонд, ки ҳуқуқ беихтиёр ҳам хусусиятеро гирифт, ки ба мафҳуми фалсафии «материя» дода мешавад»[31].

Дар асл, агар мо ҳуқуқи идеалиро омӯзем (идеали мутлақи ҳуқуқӣ), пас маҷбур мешавем қайд намоем, ки он ҳамчун сатҳи идеалии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, ба қонуниятҳои рушду инкишофи ҷомеа асос ёфта, танҳо дар шуури одамон инъикос меёбад. Аз ин лиҳоз, ин падидаи субъективӣ аст.

Агар мо моҳияти ҳуқуқи позитивиро ҳамчун маҷмӯи меъёрҳои қонунӣ муқарраршуда (қоидаҳои умумиҳатмии рафтор) мавриди омӯзиш қарор дихем, пас маҷбур мешавем изҳор намоем, ки ин падида бо вуҷуди он ки воқеан берун аз он ифода меёбад, чун меъёри рафтор дар ҷомеа дониста мешавад, бо вуҷуди ин, аз ҷониби худи ҷомеа офарида шудааст (ба расмият даровoарда, қайд гардида, сабт карда) (ҳатто манфиати синфи ҳукмфармо, силк, табақа ё қисми зиёди ҷамъиятро инъикос мекунад). Яъне, ҳуқуқи мусбат дар асл вуҷуд дошта, инчунин аҳамияти ҳақиқати субъективиро дорад (ба маънои фалсафавӣ), зеро бо худ самараи фаъолияти зеҳнии (фикрии) одамонро ифода медиҳад.

Ҷомеа аз байн равад, ҳуқуқи мусбат ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ низ аз байн меравад, гарчанде ки китобҳое боқӣ монанд, ки меъёрҳои рафторро дар бар гиранд. Дар ин сурат ҳақиқати объективӣ бо худ нашрияҳои чопиро айнан ба амсоли дигар нашрияҳо ифода менамояд. Аз эҳтимол дур нест, ки Робинзон дар ҷазира бисёр маводи чопӣ бо рӯйхати қоидаҳои умимиҳатмии рафтор дошт, аммо ҳуқуқи мусбат ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳар ҳол вуҷуд надошт.

---

[31] Ткаченко Ю.Т. Методологические вопросы теории правоотношений, М. 1980, С. 54.

Ҳуқуқи позитивӣ дар ҳамон шакле, ки пайдо мешавад дар он ба вуҷуд меояд ва тавре аллакай зикр гардид, дар натиҷаи ҷамъи тамоми омилҳое, ки ба таҳрифи хуқуқи идеалӣ таъсир мерасонанд (ҳуқуқи идеалии мутлақ), дар асоси сатҳи рушди иқтисодии ҷомеа (сатҳи муносибатхои иқтисодӣ), дараҷаи инкишофи институтхои демократӣ, дараҷаи шуури ҳуқуқӣ. Пас, дар ин ҳолат чӣ аввал меояд? Ҳуқуқи мусбат дар шакле, ки пайдо мешавад дар он ба вучуд меояд, аз ҷумла бо туфайли шуури ҳуқуқӣ ё ин ки шуури ҳуқуқӣ? Инак, мо дар возеҳу равшан кардани шуури ҳуқуқӣ ба як нуқтаи муҳим расидем.

Дар инъикоси ин масъала нуқтаи бартаридошта он аст, ки мувофиқи он асоси шуури ҳуқуқӣ ҳуқуқ мебошад. Аммо дар ин маврид ҳангоми дарки консепсияи ҳуқуқи позитивӣ ва идеалӣ (идеали ҳуқуқии мутлақ) мантиқан савол ба миён меояд. Мувофиқи консепсияи ҳуқуқи позитивӣ, агар шуури ҳуқуқӣ бо ҳуқуқ муайян карда шавад, пас шуури ҳуқуқӣ бояд бо ҳамин ҳуқуқи позитивӣ асоснок карда шавад.

Пас, чӣ гуна шуури ҳуқуқӣ метавонад аз ҳудуди ин ҳуқуқи мусбат берун барояд, то ки ба он таъсир расонад, агар ин ҳуқуқи мусбӣ аз паси ҳақиқати зиндагӣ намерасад (ва ҳеҷ гоҳ наметавонад аз паси зиндагӣ расад, зеро моҳияти қоидаҳо - статика ва моҳияти ҳаёт - динамика аст). Дар навбати худ, таърих шаҳодати он аст, ки шуури ҳуқуқии ҷомеа ва намояндагони алоҳидаи он ба ҳуқуқи мусбат дар шаклҳои гуногун таъсири хеле ҷиддӣ мерасонад.

Ҳангоми фаҳмидани консепсияи ҳуқуқи идеалӣ (идеали ҳуқуқии мутлақ) проблема бо саволе мураккаб мегардад, ки ҳуқуқи идеалӣ чӣ гуна метавонад ба шуури ҳуқуқӣ таъсир расонад, агар он худ самараи шуур, натиҷаи фаъолияти зеҳнии инсон, падидае мебошад, ки танҳо дар

шакли идея (ғоя) вуҷуд дорад? Бе шуури ҳуқуқӣ, ҳуқуқи идеалӣ одатан як садои холист.

Вобаста ба ин, қайд кардан ба маврид аст (ин хулоса барои консепсияҳои фитрӣ (тьабиӣ)-ҳуқуқӣ, ҳамчунин барои консепсияҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва либертарӣ якхела аст), ки шуури ҳуқуқии ҷомеа ибтидоӣ буда, ҳуқуқ бошад (на аз нуқтаи назари ниёзи ҷомеа ба танзими муҳимтарин муносибатҳои ҷамъиятӣ, эҳтиёҷоте, ки бо қонунияти объективии рушди ҷомеа ба вуҷуд омадаанд; балки аз нуқтаи назари ташаккули зеҳнӣ) ҳамчун амсилаи идеалии муносибатҳо, ки дар шуури инсон дар натиҷаи ҷараёни фаъолияти фикрӣ (дар ҳолати аввал) ба вуҷуд омадааст, инчунин фаъолияти зеҳнии объективонаи берунии одамон (дар ҳолати дуюм) - нисбат ба шуури ҳуқуқӣ дуюмдараҷа мебошад.

Албатта, шуури ҳуқуқии ҳам фард ва ҳам ҷамъият нисбати худ таъсири ҳуқукро ҳис мекунад (ин ба назарияи инъикос комилан мувофиқ аст), зеро ин падидаҳои иҷтимой бо ҳам пайвастанд. Пас чӣ моҳияти асосӣ ва хусусияти шуури ҳуқуқиро ташкил медиҳад?

Шуури ҳуқуқӣ бо худ дарки субъективии фард дар бораи зарурати танзими давлатии муносибатҳои барои ҷомеа муҳимтарин, симои идеалии ин муносибатҳо, инчунин арзёбии ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни ин муносибатҳо бо назардошти дарки тараққиёти қонуниятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва дараҷаи ба дастомадаи озодӣ, баробарӣ ва адлу адолатро ифода медиҳад. Ба ибораи дигар, шуури ҳуқуқии фард баҳои субъективии ӯ, баҳодиҳӣ ба худ дар ҷомеа, муносибатҳои иҷтимоӣ ва робитаҳо, инчунин сифати танзими ҳуқуқии кунунии ин муносибатҳо ва робитаҳо мебошад.

Бо чунин таърифи шуури ҳуқуқӣ аён мегардад, ки сатҳи он аз эҳтиёҷоти идеалӣ (идеали ҳуқуқии мутлақ) дар

танзими (тартибдарории) муносибатҳои муҳимтарини иҷтимоие, ки аз қонунияти ҳастии ин ҷомеа ба миён омадаанд, ақиб мемонад, чунки ин ниёзи идеалӣ ҳар сония ба сифати қонуният зоҳир гардида, ҳар сония ҳақиқати тағйирёфтаро инъикос мекунад, ба ин воқеиятҳо мувофиқат мекунад, шуури ҳуқуқӣ бошад, натиҷаи фаъолияти фикрию равонии одамон буда, аз омилҳои сершумори ҳаётӣ, ки ҳам ба дақиқии арзёбии ин ниёзи идеалӣ ва ҳам давомнокии вақт, ки дар ҷараёни он фард ё ҷомеа ин ниёзро дарк мекунанд таъсир мерасонанд, вобаста аст.

Дар баробари ин, чунин ба назар мерасад, ки шуури ҳуқуқии ҷомеа (позитивӣ) ҳамеша аз сатҳи ҳуқуқи мусбӣ пеш буда, ба ин маънӣ дар байни ҳуқуқи мусбат ва идеалӣ (идеали ҳуқуқии мутлақ) қарор мегирад.

Дар бораи шуури ҳуқуқӣ гуфта гузашта, бори дигар қайд кардан лозим аст, ки ба таври гипотетикӣ (фарзиявӣ) танҳо дар ҷомеаи нисбатан якхела (биёед, онро ҷамъияти дараҷаи олии рушди демократӣ меномем) метавон бо як дараҷаи муайяни шартӣ дар бораи як сатҳи шуури ҳуқуқии тамоми ҷомеа сухан кард.

Аммо ҳақиқати ҳаёт гувоҳӣ медиҳад, ки ин гуна ҳолат шояд танҳо дар назария вуҷуд дорад.

Дар ҷамъияти синфӣ-антагонистӣ (мухолифин) дар асоси ҳамон як муносибатҳои иқтисодӣ ҳар як синф ақидаю назарияҳои иктисодӣ, ақидаю назарияҳои ҳуқуқӣ, ақидаю назарияҳои этникӣ ва гайра ба вуқӯъ меоянд. Объект – ҳамон як аст, аммо, чунон ки мебинем, бо ягонагии объекти инъикос дар субъектҳои гуногун, дар ҳолати ин дар синфҳо, назарияҳои дар мазмуни худ гуногун ба вуҷуд меоянд. ...Ин ба мавқеи синфии субъект вобаста аст»[32].

---

[32] Ткаченко Ю.Т. Указ, соч. С. 62.

Худи ҷараёни танзими ҳаёти ҷамъиятӣ пеш аз ба синфҳо тақсим шудани ҷамъият ба вуҷуд меоянд ва бо хусусияти ҷомеа ҳамчун бутуни мураккаб ифода меёбад.

Сабабҳое, ки аллакай дар шароити сохти қабилавӣ танзими ҳаёти ҷамъиятиро ба вуҷуд меоваранд, ташкили ин танзим дар асари Ф.Энгелс «Пайдоиши оила, моликияти хусусӣ ва давлат» баррасӣ шудааст. Қайд кардан муҳим аст, ки ба синфҳо ҷудо шудани ҷамъият самти танзими иҷтимоиро ба куллӣ тағйир медиҳад. Агар мақомотҳои худидоракунии ҷамъиятӣ ҷомеаро ба манфиати тамоми ҷамъият роҳбарӣ мекардаанд, пас ба вуҷуд омадани синфи аз ҷиҳати иқтисодӣ ҳукмфармо, ки ҳокимиятро дар дасти худ мегирад, боиси он мегардад, ки роҳбарии ҷамъият ба истисмори омма табдил меёбад[33].

Ба ин маънӣ, ҳуқуқ ҳамчун ҳосили шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ дар ҷомеае, ки ба синфҳо, табақаҳо ва дигар ташкилаҳои дорои манфиатҳои ба ҳам мухолиф тақсим шудааст (баъзеҳо барои дар дасти худ нигоҳ доштани ҳокимияти сиёсӣ бо ёрии дастгоҳи маҷбуркунӣ, дигарон – тағйир додани вазъияти кор, гирифтани ин ҳокимият, аз нав тақсим кардани моликият, тағйир додани моҳияти муносибатҳои истеҳсолӣ), мисли шуури ҳуқуқӣ хислати синфӣ- иродавӣ дорад.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки мафҳуми «шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ» ба маънои муайян аз ҳад зиёд абстрактӣ аст. Ба ҳар ҳол ба манфиати дарки илмии чунин падидаи ҳақиқати иҷтимоӣ, монанди шуури ҳуқуқӣ, охиринро (бо дараҷаи муайяни шартӣ) метавон ба ду дараҷа — эмпирикӣ ва назариявӣ тақсим кард.

Шартӣ аз он иборат аст, ки дар асл сатҳи назариявӣ ҳамчун дараҷаи олитарин сатҳи эмпирикиро ҳамчун ҷузъи

---

[33] См.: Там же.

зарурӣ дар бар мегирад ва охирин дар навбати худ дорои унсурҳои назариявӣ мебошад.

Шуури ҳуқуқӣ дар асоси амалияи иҷтимоии ҳаррӯзаи одамон ташаккул меёбад, ки дар рафти он онҳо доимо бо ҳуқуқи мусбӣ ва дигар падидаҳои ҳуқуқӣ ба ҳам мерасанд. Дар доираи ин робитаю муносибатҳо таъсири ҳуқуқи ба расмият даровварда, бо шуури ҷамъиятӣ ба вуқӯъ меояд.

Ҳамзамон, амалияи иҷтимоӣ, ки дар муносибатҳои воқеӣ (дар муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки дар он ҳуқуқҳои субъективӣ ва ухдадориҳои ҳуқуқӣ бо ҳам амал мекунанд) зоҳир гардида, дар майдони ҳуқуқӣ, ки бо худ қоидаҳо, намунаҳои рафтори дар қонун муқарраршударо (бо маънои васеъ) ифода медиҳанд, ҷойгир шудааст.

Муносибатҳо ва муоширатҳои гуногуни рӯзмарра, ки зери танзими ҳуқуқии бо меъёрҳои қонун муқарраргардида қарор доранд, барои ташаккули таассуроти ҳуқуқ ҳамчун шабоҳат ба қонун дар шуури ҷамъиятӣ ҳамчун асос хизмат мекунанд.

Сатҳи эмпирикии шуури ҳуқуқӣ дар арзёбии инсон, ки дар муносибат нисбат ба қонуни мусбӣ амалкунанда, ки муносибатҳои ҷамъиятиро тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим мекунад, вобаста ба пайдоиш, тағйир ва қатъи муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ, ки дар доираи онҳо субъектҳои мушаххас ҳамчун барандагони ҳуқуқҳои субъективӣ ва ухдадориҳои ҳуқуқӣ баромад мекунанд, ифода меёбад.

Дар ин сатҳ шуури ҳуқуқӣ бо дарки рӯйдодҳои ҷорӣ, эҳсосоти инфиродӣ ва дастаҷамъӣ аз амали қонун дар ҷомеа, арзёбии субъективии адолати қонунҳо, бидуни баромадан аз доираи дарки эмпирикӣ, «маҳдуд» аст ва ба ҳамин тариқ дар ҷӯстуҷӯи сабабҳо то ба сатҳи дарки назариявии ин падида набаромада, балки бо тафтиш маҳдуд шуда, ҳуқуқро бо қонун баробар мекунад.

Дар сатҳи эмпирикӣ шуури ҳуқуқӣ наметавонад то ба дарки робита (ҳуқуқ - муносибатҳои ҷамъиятӣ) боло равад, балки дар дарки робита (қонун - ҳокимияти давлатӣ) манъ мегардад, ки дар натиҷа танқиди шуури ҳуқуқии эмпирикӣ ба шакл нею, балки ба мазмун равона карда мешавад. Дар навбати худ, танзимгари муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳуқуқ мебошад.

Меъёрҳои ҳуқуқ (қоидаҳои рафтор) рафтори одамонро дар доираи фаъолияти иҷтимоии онҳо бо мақсади устуворӣ бахшидан, ба муносибатҳое, ки ба як қисми муайяни ҷомеа писанд омадааст, ба низом медарорад. Дар ин маъно ба маънои тасвият(формула), ки «халқ дорои ҳамон ҳукумат, ки сазовор аст», бо дараҷаи муайяни шартнокӣ бояд калимаҳои дигар ба монанди “ва ҳамон ҳуқуқе, ки сазовор аст» илова карда шавад, ки дар баробари он, аз ҷумла, паст будани сатҳи назариявии шуури ҳуқуқии оммавӣ фаҳмидани мешавад.

Агар ба таври фарзиявӣ шуури ҳуқуқии ҷамъиятиро ҳамчун шуури ҳуқуқии тамоми ҷомеа, ки ба ҳадди ниҳоии дигаргуниҳои демократӣ расидааст, бо дарназардошти он ки дарки назариявии ҳақиқати ҳаёти ин ҷомеаро ифода медиҳад арзёбӣ кард, пас метавон гуфт, ки шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ дарки муносибатҳои иҷтимоии аксарияти ҷомеа буда; дар асоси маҷмӯи донишҳои инъикоскунандаи ҳақиқат ба вуҷуд меояд; арзёбии он муносибатҳоеро дарбар мегирад, ки ба манфиатҳои куллии ҷамъият дахл доранд; симои матлуби (амсилаҳои идеалии) муносибатҳои ба ҷомеа заруририро ба вуҷуд меорад; таассуротро дар бораи марҳилаҳои (ҷараёни) таносуби муносибатҳои кӯҳнашуда ба навин ва ҳамон қоидаҳои рафтор (меъёрҳое), ки бояд ҳам аз нав ташкил ёфтани муносибатҳои кӯҳна ва ҳам мавҷудияти муносибатҳои навро таъмин созанд, ташаккул медиҳад.

Бешубҳа, баландтарин сатҳи шуури назариявии ҳуқуқӣ, ки камтарин ба даст меоваранд (ва аз ин рӯ, ба таври махсус қайд карда нашудааст) сатҳи илмӣ мебошад. Дар ин сатҳи шуури ҳуқуқӣ на танҳо имконпазир, балки зарур аст, ки консепсияҳои дар назари аввал аҷибтарин, то баробар кардани ҳуқуқ бо ягон падидаи иҷтимоӣ ё тасдиқ намудани имкони мавҷудияти ҷомеаи муосир бидуни ҳуқуқ таъсис дода шаванд.

Илм он соҳаи кори тафаккури инсонист, ки дар он бояд барои парвози сайрихаёлоти инсон шароит фароҳам оварда шавад. Монополия, ба ҳақиқат барои илм марговар аст. Танҳо нуқтаҳои назари гуногун, танҳо муборизаи ин мавқеъ ва консепсияҳои гуногун, танҳо баҳси илмӣ метавонад барои аниқтар дарк намудани ҳақиқат шароити мусоид фароҳам оварад. Дар он ҷое, ки илм аст, бояд баҳс бошад, зеро чунон ки маълум аст, ҳақиқат танҳо дар баҳс ба вуҷуд меояд. Аммо дар ин ҷо, чун дар ҳама гуна кор , набояд дар бораи меъёр фаромӯш кард[34].

Хусусияти дарки ҳуқуқӣ якчанд лаҳзаҳои асосиро дар бар мегирад.

Дарки ҳуқуқӣ дар соҳаи татбиқи ҳуқуқ дар шакли умумӣ бо худ фаъолияти зеҳнии субъекти татбиқи ҳуқуқро ҳангоми иҷро намудани ваколатҳои хизматӣ ифода медиҳад, ки ба тариқи муқаррарнамудаи меъёрҳои ҳуқуқӣ сурат мегирад ва ба ташаккули дониш дар бораи ҳодисаи рухдодаи иҷтимоӣ нигаронида шуда, хусусиятҳои ҳуқуқии онро муайян мекунад.

---

[34] Как уже отмечалось, самые «новые» и «экстравагантные» теории и взгляды представляют интерес для науки хотя бы потому, что заставляют ученых смотреть на предмет исследования со стороны, «неведомой» до момента появления этих самых взглядов и теорий. Однако такие теории и взгляды могут принести вред, если в рамках учебного процесса ими полностью подменять научно-правовые доктрины, проверенные временем и подтвержденные социальной практикой.

Дарки ҳуқуқӣ ин инъикоси иттилооти аз берун гирифташуда дар шуури инсони мушаххас, коркарди зеҳнии он ва ташаккули донишҳои нав дар шуури шахси муайян мебошад. Фақат ду манбаи маълуми дарки инсонӣ маълум аст- ин таҷриба ва ақл.

Зери мафҳуми таҷриба гирифтани (ба даст овардани) иттилоот аз берун бо роҳи мустаҳкам кардани он дар шуур фаҳмида мешавад. Инсон аз берун бо роҳҳои гуногун бо истифода аз функсияҳои организми инсон маълумот мегирад: биниш, бӯй, ламс, шунавоӣ ва инчунин (вақтҳои охир олимони зиёд ба ин розӣ ҳастанд) тавассути механизме, ки ҳанӯз омӯхта нашудааст ва имкон медиҳад, ки одам ба ғайр аз ин узвҳо бо майдони иттилоотии сайёраи Замин (сухан дар бораи тасаввуроти норавшан, ҳисси пешакӣ, «эҳсоси шашум» ва ғайра меравад) алоқадор бошад. Зери манбаи дуюми дарки инсон – ақл мо тамоми ҷараёнҳои зеҳниро мефаҳмем, яъне қобилияти шуури инсон бо бузургии абстрактӣ кор бурда, бо риояи қонунҳои мантиқ хулосабарорӣ кардан аст.

Аммо ин хусусияти умумии ҳар як дарки инсонист. Дарки ҳуқуқӣ дарки мушаххас аст, зеро он ба олами ҳуқуқӣ, ба ҳаёти ҳуқуқӣ мансуб мебошад. Ҷаҳони ҳуқуқӣ дар навбати худ, ба худ хос аст. Онро одам офаридааст, вале на бо иродаю хоҳиши худ, балки дар иртибот ба қонунияти иҷтимоӣ, ин ҷаҳон воқеан вуҷуд дорад, ба қонунҳои дохилии худ итоат мекунад, ҳар падидаеро, ки даъво ба зиндагӣ дар ин дунё дорад, ба қонунҳо дохили худ мутеъ месозад. Барои ин дунё падидае нест, ки ба қонунҳои дохилии он итоат накунад.

Ва ҳамин тавр хоҳад буд, то замоне ки инсоният ба ин ҷаҳони ҳуқуқӣ ниёз дорад.

Ва агар олами ҳуқуқиро ҳақиқӣ дарк кунем, пас дарки ҳуқуқӣ ҳамон соҳаи дарки инсон аст, ки (итоат карда

ба қонунҳои умумии дарки инсон) хусусият, шакл, мазмун ва зуҳуроти худро дорад.

Нодуруст фаҳмидани ин ба он оварда мерасонад, ки мафҳумҳои гуногун омехта шуда ва ба дарки ҳуқуқӣ ба таври сунъӣ хосияту вазифаҳои ба он бегона дода мешавад.

Ҳамин тариқ, дарки ҳуқуқӣ як навъ дарки инсонӣ буда, аз дигар намудҳои дарки инсонӣ бо он фарқ мекунад, ки дар олами ҳуқуқ ҷойгир шуда, онро дарк карда ба «қонунҳо»-и дохилии он итоат мекунад. Аз ин лиҳоз, предмети дарки ҳуқуқӣ ҳамеша ба падидаҳои ҳуқуқӣ мебошанд; хулосаҳои дарки ҳуқуқӣ ҳамеша ба падидаҳои ҳуқуқӣ дахл доранд; шакл ва мазмуни дарки ҳуқуқӣ ҳамеша ҳуқуқӣ хоҳанд буд; субъекти дарки ҳуқуқӣ ҷуз субъекти ҳуқуқӣ чизе нахоҳад буд.

Татбиққунандаи ҳуқуқ дар ҷараёни дарки ҳуқуқӣ бояд дар бораи ҳодисаҳои рӯҳдода дониш ба даст оварад. Соҳаи дарки ҳуқуқӣ танҳо бо омӯзиши он муносибатҳое маҳдуд мешавад, ки ҷомеаи мазкур онҳоро муҳимтарин арзёбӣ мекунад ва бинобар ин онҳоро ба зери танзими ҳуқуқӣ мегузоранд. Берун аз соҳаи муносибатҳое, ки дар ҷамъият ба танзим даровarda мешаванд, ягон дарки ҳуқуқӣ, падидаи мураккаби амалияи татбиқи ҳуқуқ арзи вуҷуд дошта наметавонад.

Ин мушкилӣ дар он аст, ки дарки ҳуқуқӣ бо худ ҷараёни тафаккуреро ифода медиҳад, ки якчанд падидаҳоро дар синтез мекунад. Бешубҳа, дарки ҳақиқат аз муҳаққиқ дорои сатҳи муайяни дониши ин ҳақиқатро тақозо мекунад. Агар ба ҷараёни дарки падида ё ҳодисаи мураккаб шуруъ намуда, дар бораи ҷузъҳои оддии таркибии ин ҳодиса ё падида ё дар бораи принсипҳои ҳампавастӣ ва ҳамкории ин падида бо падидаҳои дигари

ҳақиқат тасаввурот надошта бошад, он гоҳ ба ягон натиҷаи назаррас ноил шудан имокннопазир мегардад.

Аз ин рӯ, татбиққунанда ҳуқуқ ба дарки ҳуқуқӣ шурӯъ намуда, бояд ҳадди ақал дар бораи ҳаёт умуман ва аз ҷумла, дар бораи ҳаёти иҷтимоӣ дониш дошта бошад. Ин, гӯё талаботи худ аз худ маълум мебошад, дар марҳилаи интихоби кадрҳои касбӣ барои фаъолияти татбиқи ҳуқуқ дар шакли маҳдудиятҳои ҳуқуқан муқарраргардида ҷой дорад, аз ҷумла синну сол, маҳдудияти маълумотнокӣ - барои баъзе намудҳои фаъолияти татбиқи ҳуқуқ, дар шакли гуногуни расмиёти санҷиш, ки дар ратфи он ҳангоми муайян кардани мутобиқати касбӣ сатҳи умумии зеҳн муайян карда мешавад, ки дар шакли содда сатҳи дарки ҳаётро аз ҷониби ин инсон ифода мекунад.

Ҳамин тариқ, дарки ҳуқуқӣ (чун дарки ҳодиса ва падидаҳои ҳаёти иҷтимоии марбут ба соҳаи ҳуқуқ) бо бағоҷи ҳаётии татбиққуанадаи ҳуқуқ асос меёбад. Донистани қонунҳои табиати зинда ва беҷон, қонунҳои рушду инкишофи ҷомеа, қонунҳои психология яке аз ҷузъҳои муҳимитаркибии дарки ҳуқуқӣ ҳамчун гуногуннавъ дониши умумии инсонӣ мебошад. Дарки ҳуқуқӣ ҷараёни тафаккурест, ки ба қонунҳои мантиқ тобеъ мебошад (ҳисси пешакиро метавон ҳамчун зуҳуроти таҷрибаи бойи ҳаётӣ ё ҳамчун ваҳми илоҳӣ ҳисоб кард).

Аз ин рӯ, дарки ҳуқуқӣ дар асоси бағоҷи ҳаётии татбиққунандаи ҳуқуқ тибқи қонунҳои мантиқ амалӣ карда мешавад. Аммо чӣ тавр? Яке аз фарқиятҳои назарраси дарки ҳуқуқӣ дар соҳаи татбиқи ҳуқуқ аз дигар (оддӣ, илмӣ ва ғайра) танзими ҳуқуқӣ мебошад, ки дар доираи он ин дарки ҳуқуқи мазкур кӣ бояд амалӣ карда шаванд.

Ин лаҳзаи бениҳоят муҳим аст, зеро ба туфайли танзими ҳуқуқии ҷараёни дарккунӣ, ки аз ҷониби

татбиққунандаи ҳуқуқ ба амал баровварда мешавад, имкони таҳлили ҳам худи ҷараёни дарки ҳуқуқӣ ва ҳам сифати хулосаҳои баровардаи татбиққунандаи ҳуқуқ, ки дар натиҷаи дарки ҳуқуқӣ ба даст оварда шудаанд, кафолат дода мешавад.

Танзими ҳуқуқии дарки ҳуқуқӣ ин равандро бо як чаҳорчӯбаи вақт маҳдуд мекунад. Илова бар ин, дарки ҳуқуқӣ ҷараёни зеҳниест, ки бояд аз ҷониби субъекти салоҳиятдор дар доираи ваколатҳояш амалӣ карда шавад. Ин маҳдудиятҳо на аз он сабаб муҳиманд, ки эҳтимолияти ба даст овардани хулосаҳои таҳрифшуда дар натиҷаи дарки ҳуқуқӣ кам мекунад, балки аз он сабаб, ки дарки ҳуқуқӣ – ҷараёни мушаххаси фаъолияти зеҳнии субъекти татбиққунандаи ҳуқуқ мебошад, ки бояд ба арзёбии ҳуқуқии ҳодисае, ки бо муносибатҳои барои ҷомеа муҳим алоқамананданд, оварда расонад.

Ва дар ин ҷо хусусияти хосе, ки дар аниқ кардани субъекти дарки ҳуқуқӣ зоҳир мегардад, бо зарурати фароҳам овардани шароит барои бештари ҳифзи на танҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки озодии шахс низ дар ин ҷамъият ба миён меояд. Ҳар яке аз ҷузъҳои номбаршудаи дарки ҳуқуқӣ муҳим буда, метавон мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор дода шавад, аммо вазифаи мо - баррасии муҳтавои (предмети) дарки ҳуқуқӣ мебошад.

Модоме, ки ҳуқуқ муносибатҳои барои ҷамъият муҳимтаринро танзим мекунад ва меъёрҳои аз ҷиҳати ҳуқуқ муқарраргардида онҳоро ба танзим медароранд, дарки ҳуқуқӣ - ин дарки ҳамон ҳодисаҳое мебошад, ки дар ҷамъият рӯх дода, бо ин ё он тарз ба соҳаи танзими ҳуқуқӣ дахл дорад.

Метавон гуфт, ки предмети дарки ҳуқуқӣ муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд, аммо чунин таъриф доираи кори амалии онро танг мекунад. Гап дар он аст, ки

предмети дарки ҳуқуқӣ на танҳо муносибатҳои ҳуқуқие, ки аз арзёбии умумии мафҳуми дарки ҳуқуккӣ бармеоянд, балки ҳама гуна ҳодисаҳое мебошанд, ки метавонанд ҳатто хусусиятҳои хоси ҳуқуқӣ ҳам надошта бошанд.

Дарки ҳуқуқӣ барои он вуҷуд дорад, ки аз ҳодисаҳои гуногун, ки дар натиҷаи муносибатҳои байни одамон ба вуҷуд меоянд, арзёбии ҳуқуқӣ ва танзими ҳуқуқиро талаб мекунанд.

Дар он марҳилаи дарки ҳуқуқӣ, вақте ки татбиққунандаи ҳуқуқ ба хулоса дар бораи дар ҳодиса вуҷуд надоштани мазмуни ҳуқуқӣ меояд, дарки ҳуқуқӣ оид ба ин мавзуъ қатъ мегардад. Оё ҳукми сафедкунандаи суд, ки дар натиҷаи он бароварда шудааст, ки дар рафти баррасии судӣ масалан, ҳодисаи ҷиноят муқаррар карда нашудааст, ин мурофиаи судиро аз мисоли дарки ҳуқуқӣ истисно мекунад? Маҳз дарки ҳуқуқӣ имкон медиҳад ҳодисаҳоро ба аҳамияти ҳуқуқидошта ва ғайриқонунӣ (аз ҷумла ғайриоддӣ) ҷудо кард. Бо вуҷуди ин, самти умумии ибтидоии дарки ҳуқуқиро соҳаи танзими ҳуқуқӣ муайян мекунад.

Агар масалан, танзими ҳуқуқӣ ҳаёти маҳрамонаи аъзоёни ҷамъиятро фаро нагирад ҳам, ба ҳар ҳол тамоми муносибатҳои байни одамон дар ин соҳа объекти дарки ҳуқуқӣ шуда наметавонанд. Аммо баробари ба амал омадани ҳодисаҳое (аз соҳаи ҳаёти маҳрамона), ки ба соҳаи танзим ва назорати ҳуқуқӣ мансубанд, онҳо метавонанд ба майдони дарки ҳуқуқӣ дохил шаванд. Ҳамин тариқ, ҳаёти маҳрамонаи зану шавҳар наметавонад мавзӯи дарки ҳуқуқӣ бошад. Аммо меъёрҳои ҳуқуқ ҳимояи ҳар шахсро аз таҷовуз ба озодии ҷинсӣ кафолат медиҳад.

Аз ин рӯ, муносибати маҳрамонаи зану шавҳар, ки бар хилофи хоҳиши зан ба вуҷуд омадааст, бо аризаи зан метавонад мавзӯи (предмети) дарки ҳуқуқӣ гардад. Дар

таҷрибаи судӣ оид ба татбиқи ҳуқуқ мисол мавҷуд аст, ки судшаванда дар парвандаи таҷовуз ба номус ҳамсари собиқ буда, бо собиқ ҳамсараш як фарзанд дошта ва бо ӯ як рӯз пас аз он чизу чораашро аз манзили истиқоматӣ баровардааст, алоқаи ҷинсӣ кардааст.

Равшан аст, ки дарки ҳуқуқиро дар доираи гносеологӣ ҳамчун ҷараён ва ҳамчун дар натиҷа шуморидан мумкин аст.

Натиҷаи дарки ҳуқуқӣ арзёбии ҳуқуқии муносибатҳои мавриди омӯзиш қарор додашуда мебошад. Аз дурустии ин баҳои ҳуқуқӣ бисёр чизҳо вобастаанд, аз он ҷумла озодӣ ва ҳаёти инсон. Дарки ҳуқуқӣ дар навбати худ, ҳамчун раванд возеҳу равшан кардани масъалаеро дар бобати он ки асли ҷустуҷӯи дар ҷараёни дарки ҳуқуқии ба амал баровардашуда чиро ифода медиҳад, тақозо мекунад

Дар ин ҷо фикру мулоҳизаҳои олимон гуногунанд. Нуқтаи назаре арзи вуҷуд дорад, ки мувофиқи он дарки ҳуқуқӣ бояд барои муқаррар намудани ҳақиқати объективӣ аз рӯи парванда равона карда шавад.

Дарки ҳуқуқӣ - ин пеш аз ҳама, фаъолияти зеҳнӣ мебошад, ки онро бояд то ҳадди имкон ба ҳақиқат наздик, на ин ки дар алоҳидагӣ аз ҳаёт омӯхта шавад, то ки хулосаҳои илмӣ беасос нею, балки ҷузъи зиндаро ташкил диҳанд. Дар аксари мавридҳо имрӯз вазифаҳои тафтишотро ҳуқуқшиносони ҷавони дорои таҷрибаи ками зиндагӣ иҷро мекунанд. Чун қоида, муфаттишон дар истеҳсолдоташон парвандаҳои зиёде доранд. Аз ин лиҳоз, аввалин чизе, ки чун қоида, дар шуури муфаттише, ки барои тафтиш маводи навбатиро гирифтааст меояд, ин фикр дар бораи шумораи парвандаҳои дар истеҳсолоти ӯ қарордошта ва тақсимоти камчинии вақт бо дарназардошти маводи воридгардида мебошад. Амалияи татбиқи ҳуқуқии прокуратура нишон медиҳад, ки дар

натиҷаи тафтиши ба ном маводҳои радкунанда қисми зиёди он боз ба тафтишот ирсол карда мешавад.

Муфаттиш дар ҷараёни дарки ҳуқуқӣ бояд симои фикрии ҳодисаи ҳаётиро, ки дар гузашта ҷой дошт, тартиб диҳад. Ин симои фикрӣ идеалӣ аст, зеро худи ҳодисаи воқеии ҳаёт дигар вуҷуд надорад. Муфаттиш наметавонад аниқ бидонад, ки он чӣ гуна буд, зеро ӯ танҳо ба изҳои он, ки дар лаҳзаи дарки ҳуқуқӣ вуҷуд доранд, дахл дорад. Ҳангоми дастрас гардидани имкони омӯхтани изҳое, ки аз ҳодисаи ҳаёти гузашта боқӣ мондааст (чун натиҷаи инъикос дар табиат, ки бо ҳамтаъсири мутақобилаи ду ё зиёда предметҳо ба вуҷуд омадааст) муфаттиш метавонад дар бораи моҳияти ҳодисаи рухдода як ё якчанд тахминҳо ба миён гузорад. Пас аз ин дар ҷараёни дарки ҳуқуқӣ муфаттиш бояд тафтиш кунад. Чиро? Ҳодисаи ҳаётро, ки дар гузашта рух додааст? Ин корро кардан ғайриимкон аст, зеро фақат ҳақиқатро метавон тафтиш кард.

Гузаштаро метавон танҳо хаёлан тасаввур кард бо ҳиссаи майяни эҳтимолият, бо такя ба таҳқиқи он воқеиятҳое, ки дар асл вуҷуд доранд ва бевосита бо он алоқаманд будаанд.

Ҳамин тариқ, объекти таҳқиқот дар ҷараёни дарки ҳуқуқӣ барои муфаттиш фарзияҳои ҳодисаи ҳаётии гузашта, на ин ки худи ҳодиса мегардад. Ин тахминҳо метавонанд хеле гуногун бошанд, дар баъзе мавридҳо як ҳодисаи гузаштаи ҳаётро аз паҳлуҳои комилан муқобил ифода мекунанд. Дар рафти тадқиқоти тахминҳои ҳодисаи қаблан рухдода муфаттиш бояд муайян кунад, ки оё ягон воқеияти дар ихтиёраш буда метавонад изҳои ҳодисаи рухдода (инъикос хангоми таъсири мутақобилаи якчанд объекти ҳақиқат дар доираи ҳодисаи қаблан ҷойдошта) бошанд. Аллакай дар ин марҳилаи дарк баъзе воқеиятҳо метавонанд барои як вариант аҳамияти муҳим дошта,

барои дигар тамоман бефоида бошанд, гарчанде ки сухан дар бораи дар тафаккури муфаттиш барқарор намудани ҳамон як ҳодиса меравад.

Дар ин марҳилаи дарки ҳуқуқӣ муфаттиш ҳамчун воситаи дарк кардани ҳодисаи гузашта фарзияҳоро пешниҳод мекунад. Миқдори фарзияҳои пешниҳоднамудаи муфаттиш на танҳо аз «омилҳои объективие», ки дорои хислатҳои ҳуқуқӣ мебошанд (меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, зуҳуроти гуногуни амалияи татбиқи қонуни ҷиноятӣ, мисолҳои ҳодисаҳои ба ҳам монанд, коркардҳои методӣ ва тавсияҳо оид ба тафтиши онҳо дар айнан ҳамин гуна ҳолатҳо ва ғ.). инчунин, аз хислатҳои оддӣ (таҷрибаи ҳаёти муфаттиш ва шахсоне, ки дар гирду атрофи муфаттиш қарор доранд, асарҳои адабӣ, махсусан жанри детективӣ, аз ҷумла дар синамо баровардашуда ва ғ.), балки аз «омили субъективие», ки дар ҳақиқати ҳаёте, ки муфаттиш аз сар мегузаронад зоҳир гардида, ба тафаккури касбии ӯ таъсир мерасонад (сарбории барзиёд, анъанаҳои муқарраршудаи татбиқи ҳуқуқ дар ҷои кор, вокуниши омма оид ба ҳодисаи мавриди таҳқиқ қароргирифта ва чун қоида, ифшои фаврии маълумотро дар бораи дастгир кардани ҷинояткорро талаб мекунад ва ғайра) вобаста аст. Ин «омили субъективӣ» ҳатман ва ҳамеша ба ҷараёни дарки ҳуқуқӣ таъсири манфӣ намеорад, аммо ҳамеша ба муфаттиш ҳангоми тарҳрезии фарзияҳои ҳодисаи рухдода таъсири ҳақиқӣ мерасонад. Вариантҳои пешкашшуда оиди ҳодисаи рухдода дар асоси далелҳои мавҷуда, бо мақсади ба даст овардани дониш дар шакли таассурот дар бораи ҳодисаи гузашта, ки бояд бо эҳтимолияти кофӣ ва дараҷаи баланд ин ҳодисаро инъикос кунанд, мавриди таҳқиқ қарор мегиранд. Таассуроти мазкур бояд ҳам асосҳои ҳуқуқӣ ва ҳам мантиқӣ дошта

бошад. Аммо чӣ гуна метавонад яке аз тахминҳо чунин таассурот гузорад?

Дар ҷараёни дарки ҳуқуқӣ, қонунҳои мантиқ пурра амал мекунанд. Муфаттиш бояд зеҳнан тамоми воқеиятои мавҷуда ва ҳолатҳои маълумро ба як хулосаи куллӣ, мантиқӣ, мукаммал, асоснок дар бораи ҳодисае, ки дар доираи яке аз вариантҳо рух додааст, «пайванд» кунад ва ҳамзамон аз як тараф, аз хатари «гумроҳии поквиҷдон» дар бораи хислатҳои ин воқеияту ҳолатҳо, аз тарафи дигар, аз муттаҳидшавии сунъии онҳо дар доираи як тахмин дар шакли конгломерат худдорӣ кунад. Барои санҷидани эътимоднокии тахмини аз ҳама афзалиятдошта муфаттиш бояд маҷмӯи вокеияту ҳолатҳои мавҷударо ба версияҳои дигар тахминҳо «замима» намояд ва натиҷаи онҳо аз нуқтаи назари эътимоднокии онҳо баҳо диҳад. Агар байни онҳо фарқияти ҷиддӣ мушоҳида карда нашавад (аз нуқтаи назари асосноккунӣ бо воқеияту ҳолатҳо ва эътимоднокӣ), пас ин маънои онро дорад, ки дар доираи ин фарзияҳо ҷустуҷӯи иловагии воқеияту ҳолатҳои ҳодисаи гузашта, ки дар истисно кардани ҳамаи фарзияҳо ба ғайр аз яки он кӯмак мерасонанд, талаб карда мешавад. Дар ин марҳилаи мантиқии дарки тахминҳои пешниҳодшуда, агар муфаттиш боварӣ ҳосил кунад, ки яке аз онҳо бо худ мулоҳизаи пурраи мантиқӣ, ба ҳақиқат мувофиқ ва хотимаёфтаро дар бораи ҳодисаи рухдода ифода медиҳад, муфаттиш бояд фарзияи ҳимояро, ки мулоҳизаро дар бораи ҳодисаи рухдода инкор мекунад, пешниҳод намояд.

Ин на танҳо барои он ки ба ҳақиқат мувофиқ будани мулоҳизаи худ боварӣ ҳосил кардан зарур аст, балки барои он ҳам зарур аст, то ки ҳангоми хотима ёфтани тафтиш бо назардошти тахмини аз мавқеи ҳимоя пешниҳодшуда мулоҳиза аниқ ифода карда шавад. Мулоҳизаи дар боло зикршуда ба баҳодиҳии мантиқии муфаттиш ба фарзиҳои

дар доираи дарки ҳуқуқӣ пешниҳодкардаи ӯ бобати асоснокии воқеияту ҳолатҳо дахл дорад, вале ҷараёни дарки ҳодисаи руҳдода (дар доираи истеҳсолоти тафтишоти пешакӣ) низ ҷараёнест, ки ба андозаи зиёд бо одамон алоқаманд мебошад. «Инсон дар ҷараёни ҳуқуқӣ метавонад тамоми вазъияти дарккуниро ба куллӣ тағйир диҳад: ягон нишондоди муҳим диҳад, ба содир намудани ҷиноят иқрор шавад, тафтишотро ба роҳи нодуруст равона кунад. Ин лаҳза маҳз барои дарки ҳуқуқӣ ниҳоят муҳим ва мушаххас аст. Дар ин ҷо имконияти ба иштирокчиёни мурофиа моҳирона таъсир расонида, фавран ба вазъияти нави дарки баромадан мавҷуд аст, ки дар он муфаттиш ё тасдиқи пурқуввати версияи худро мегирад ё метавонад ба версияи дигар- дуруст ва асоснoктар ояд. Чунин рафтор тавре, ки маълум аст, аксар вақт боиси вайрон кардани қонун мегардад: муфаттиш бо таҳдид ва фишор шахси бегуноҳро маҷбур мекунад, ки ба ҷинояти содирнакардааш иқрор шавад ва ё ҳуқуқвайронкунии шахси дигарро ба зимма гирад. Илова бар ин, маслиҳати пешакии шахсоне, ки дар ҷиноят гумонбар мешаванд, худтуҳмат аз эҳтимол дур нест, масалан, вақте ки иштирокчии дуюмдараҷаи ҷиноят тамоми гуноҳи дигаронро ба дӯши худ вогузор мекунад, зеро онҳо ба ӯ ваъда додаанд, ки масалан, ӯро зуд аз маҳбас халос мекунад ва ба ӯ ҳаққи хизматашро медиҳанд»[35].

Мутобиқи танзими мурофиавии ҷиноятии амалкунанда нишондодҳои одамон ҳамчун иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ набояд худ ба худ афзалият дошта бошанд, балки ҳангоми омӯзиши версияи мушаххас дар маҷмуъ бо дигар далелҳо (воқеиятҳо, ҳодисаҳо ва ғ.) баҳо дода шаванд. Дар ин бобат дар доираи дарки ҳуқуқӣ, ба

[35] Розии В.М. Генезис права. М. 2001. –С. 132-133.

назари мо, нишондоди шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят айбдор карда мешавад, то андозае фарқ мекунад.

Новеллае, ки дар баробари Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амалияи татбиқи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ворид карда шудааст, ки аз руи он нишондоди гумонбаршуда ё айбдоршаванда, ки дар рафти тафтиши пешакӣ бархилофи қонун дода шудааст, далел шуда наметавонад (қисми 2 моддаи 76 ва моддаи $88^1$ КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) қисман ба таассуроти мо дар бораи аҳамияти ҳуқуқӣ барои парванда чунин далел, ба монанди нишондоди гумонбаршуда ё айбдоршаванда мувофиқат мекунад. Мантиқи ин мулоҳиза чунин аст: агар нишондоди худиқрории айбдоршаванда (ё судшаванда) боэътимод набошанд, он гоҳ худ ба худ, бидуни маҷмӯи далелҳои дигар, онҳо барои хулосаҳои суд дар бораи гунаҳгории ин ё он шахс дар содир намудани ҷиноят асос шуда наметавонанд. Агар ин тавр бошад, дар ҳар сурат барои гунаҳкор эътироф намудани шахс дар содир намудани ҷиноят мавҷудияти чунин маҷмӯи далелҳо, ки худ аз худ (бидуни нишондодҳои худиқрории айбдоршаванда ё судшаванда) шаҳодати исботи хулоса дар бораи он ки шахси мазкур дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор аст, зарур мебошад. Дар ин маврид нишондоди судшаванда барои хулосаи ниҳоии императивӣ аҳамияти муҳим надорад.

Пас, нишондодҳои худиқрории гумонбаршуда ё айбдоршаванда (дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ) ва судшаванда (дар марҳилаи баррасии судӣ) барои парванда чӣ аҳамият дошта метавонад? Дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ нишондодҳои худиқрории гумонбаршуда ё айбдоршаванда (агар онҳо нишондодҳои самимии шахс дар бораи кирдорҳои содиркардааш бошад) ба муфаттиш имкон медиҳанд, ки «ба фарзияҳо пароканда накарда»

ҷидду ҷаҳди худро ба мустаҳкам намудани далелҳои тасдиққунандаи дурустии фарзияи айбдоршаванда равона кунад. Дар марҳилаи баррасии судӣ нишондодҳои худиқрории судшаванда метавонад шаҳодати пушаймонии самимии охирин аз кирдорҳои содиркардааш, инчунин тасдиқи саҳми фаъолонаи ӯ дар тафтишот дар кушодани ҷиноят, яъне дар ҳар ҳолат шахсияти судшавандаро тавсиф мекунад.

Агар қонунгузор нишондоди шахси дар содир намудани ҷиноят айбдоршавандаро аз рӯйхати далелҳои айбдоркунӣ хориҷ кунад, ба кадом мақсад ноил шудан мумкин аст? Дар сатҳи ҳозираи тафтишоти айбдоркунӣ ва суде, ки аз мавқеи айбдоркунӣ берун нарафтааст, аз далелҳои айбдоркунӣ хориҷ кардани нишондодҳои гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда аз як тараф тафтишот ва судро дар доираи қатъии талабот оид ба зарурати баровардани хулоса дар бораи гунаҳгории шахс дар содир намудани ҷиноят танҳо дар асоси маҷмӯи далелҳои дар парванда ҷамъоварда меоварад. Аз тарафи дигар ба дараҷаи муайян майли муфаттишонро барои бо ҳар роҳ ба даст овардани нишондоди худиқрории айбдоршаванда кам мекунад. Дар навбати худ, «...вайрон кардани тамоми меъёрҳо мегардад...агар ҳақиқат бо ёрии дарди ҷисмонӣ ба даст оварда шавад, гуё он дар мушакҳою рагҳои ин бадбахт реша давонда бошад. Чунин бархӯрд роҳи боэътимоди сафед кардани ҷинояткорони аз ҷиҳати ҷисмонӣ қавӣ ва маҳкум кардани бегуноҳии нотавон мебошад. Бегуноҳи ҳассос худро гунаҳгор шуморида, умедвор аст, ки бо ин ба ранҷу азоби ӯ хотима мебахшанд. Ва ба ин васила фарқи гунаҳгор ва бегуноҳ бо ёрии маҳз ҳамон воситае, ки барои ошкор кардани ин тафовут ба таври дақиқ даъват шудааст, аз байн меравад. Бо мисолҳои бешуморе, ки чӣ гуна одамони бегуноҳ дар зери шиканҷа

аз дард худро гунаҳгор эътироф кардаанд, баён кардан ҳоҷате надорад. Чунин миллат, чунин давру замоне нест, ки чунин мисол наоварда бошад. Афсус, ки одамон дигаргун намешаванд ва аз ин хулоса намебароранд.... Ҳар як амали зӯроварӣ хурдтарин аломатҳои инфиродии предметро ки бо ёрии онҳо баъзан ҳақиқатро аз дурӯғ фарқ мекунанд, печ дар печ карда, маҷбур месозад, ки аз байн биравад»[36].

Фаъолияти муфаттиш, ки барои ба даст овардани дониш дар бораи ҳодисаи рухдода ва арзёбии ҳодисаи таҳқиқшаванда нигаронида шудааст, бояд на танҳо ба қонунҳои мантиқ, балки ҳамзамон ба қонунҳои мусбии танзимкунандаи амалиётҳои тафтишӣ низ итоат кунад. Вайрон кардани қонунҳои мантиқӣ аз ҷонибии муфаттиш боиси хулосаҳои нодурусти мантиқӣ, вайрон кардани қонуни мурофиавӣ бошад боиси гум шудани аҳамияти ҳуқуқии ҳама гуна амалиёти тафтишӣ мегардад, ки дар рафти он ин ё он далел муқаррар карда шудааст ё ояндадор набудани тамоми кори ҷиноятӣ мегардад. Ҳамин тариқ, муфаттиш пеш аз ба хулосаи ниҳоӣ оид ба парванда омадан, бояд ҳамаи амалиётҳои тафтишиеро, ки дар парванда сурат гирифтааст, аз ҷиҳати риояи қонуни мурофиавӣ мавриди омӯзиш қарор диҳад. Он амалиётҳои тафтишотӣ, ки бо вайрон кардани қонуни мурофиавӣ анҷом дода шудаанд, бояд аз рӯйхати воситаҳои исбот хориҷ карда шаванд. Пас аз ин муфаттиш бояд ба ҳама чизи боқимонда баҳои мантиқӣ ва ҳуқуқӣ диҳад. Ҳамзамон тахмини ниҳоии тафтишот бояд боварибахш, эътимоднок буда, бо маҷмӯи далелҳои гуногун асоснок карда шуда, дар асоси қонунияти тамоми фаъолияти тафтишотии дар доираи парванда таҳрезишуда бошад. Он набояд барои шубҳа дар бораи дурустии дониши гирифташуда оид ба

[36] Беккарии Ч. О преступлениях и наказаниях. М., 1995. –С. 121, 125-126.

ҳодисаи рухдода ҷой нагузорад. Ҳама гуна далелҳо ва далелҳои эътимодбахш бар зидди он метавонанд дараҷаи пасти эҳтимолияти донишро дар бораи ҳодиса нишон диҳанд.

Ҳамин тариқ, дарки ҳуқуқӣ дар соҳаи татбиқи ҳуқуқ як намуди мушаххаси фаъолияти зеҳнии (фикрии) шахси салоҳиятдор мебошад, ки бо шарҳи субъективии ҳодисаи дар ҳаёти гузашта рухдода марбут ба муносибатҳои инсонӣ, таҳлили интиқодии фарзияҳои пешниҳодшудаи ин ҳодиса ва фаҳмиши психологии дониши муқарраршуда дар бораи худи ҳодиса ва баҳои ҳуқуқии он, донишҳое, ки дар доираи фаъолияти ҳуқуқӣ-дарккунӣ, ки танзими ҳуқуқӣ доранд, ба даст оварда шудааст.

Чунин тавсифи дарки ҳуқуқӣ ягон даъво оид ба нақшаи ягона ва комилан дуруст намебошад, балки ҷанбаҳои муҳимтарини ин падидаро инъикос мекунад. Дарки ҳуқуқии судӣ дар ҳуқуқтатбиққунӣ ҳамчун яке аз шаклҳои зуҳуроти дарки ҳуқуқӣ аломатҳои махсус ва хусусиятҳои хоси худро доро буда, мавриди таҳқиқи назариявию амалӣ қарор дорад.

Нашрияи

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№ 3, 2022

Бюллетень

Верховного Суда Республики Таджикистан

Мусаҳҳеҳ – Тураев Камол Мавлонович
Ҳуруфчӣ – Исмоилзода Шокирҷон Шариф

Ба чоп _______ имзо шуд. Формат 60 х84 1/8 32 в.ш.ч.
Қоғази офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman 12.
Адади нашр 500 нусха.

Дар ҶДММ «___________» чоп шудааст.